Пешгирии Зуроварии Хонаводагӣ
PDV
Prevention of Domestic Violence

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Schweizerische Eidgenossenschaft
Confédération suisse
Confederazione Svizzera
Confederaziun svizra

Swiss Confederation
Конфедератсияи Швейтсария

# ДАСТУРАМАЛ БАРОИ КОРМАНДОНИ МУАССИСАҲОИ ТАЪЛИМӢ ОИД БА ПЕШГИРӢ ВА ВОКУНИШ БА ҲОДИСАҲОИ ЗӮРОВАРӢ НИСБАТИ КӮДАКОН

Душанбе - 2018

# ДАСТУРАМАЛ БАРОИ КОРМАНДОНИ МУАССИСАҲОИ ТАЪЛИМӢ ОИД БА ПЕШГИРӢ ВА ВОКУНИШ БА ҲОДИСАҲОИ ЗӮРОВАРӢ НИСБАТИ КӮДАКОН

## ҚИСМИ I. МУҚАРАРОТИ УМУМӢ

Мақсади дастурамали мазкур дастгирии сиёсати давлатӣ оид ба муҳофизати кӯдакон ва ҳуқуқҳои онҳо ҷиҳати фароҳам овардани муҳити солим барои кӯдакон, оштинопазирӣ ба ҳар гуна падидаҳои зӯроварӣ нисбати онҳо, тарбия намудани насли наврас дар руҳияи инсонпарварӣ (гуманистӣ) ва пешгирӣ намудани зӯроварӣ нисбати онҳо ва расонидани кӯмак ба ҷабрдидагон мебошад.

Ҳадафи дастурамал муқаррар ва риоя намудани вазифаву чорабиниҳо барои кормандони муассисаҳои таълимӣ (новобаста ба шакли моликияти онҳо) дар пешгирӣ ва вокуниш ба ҳодисаҳои майли хушунатдошта ва зӯроварӣ нисбати кӯдакон мебошанд. Дастурамал ба баланд бардоштани нақши муассисаҳои таълимӣ дар тарбия ва татбиқи муносибати солим дар ҷомеа, байни зану шавҳар ва дигар аъзоёни оила, байни волидон ва кӯдаконашон, муносибати омӯзгорон ва хонандагон, инчунин байни хонандагони муассисаи таълимӣ равона карда шудааст. Дастурамали мазкур бо дастгирии *Дафтари Швейтсария оид ба ҳамкорӣ* (SDC) дар чаҳорчӯбаи *Лоиҳаи “Пешгирии зӯроварӣ дар оила”* (PDV), ки аз ҷониби филиали ГОПА дар Ҷумҳури Тоҷикистон татбиқ мешавад, тайёр ва чоп карда шудааст. Таҳияи дастурамал ҳадафҳои башардӯстона дошта, ройгон дастрас карда мешавад.

### Истилоҳот

- *кӯдак/тифл* – шахси ба синни 18 нарасида;
- *манфиати баландтарини кӯдак* – таъмин намудани ҳуқуқҳои кӯдак бо назардошти хусусиятҳои фардӣ ва вазъияти қарордоштаи ӯ, ки ба рушду инкишофи кӯдак мусоидат мекунанд;
- *тарбия* – раванди мақсадноки ташаккули инкишофи балоғати кӯдак аз тарафи волидон, муассисаи таълимӣ, ҷамъият ва омода кардани он барои ҳаёти мустақилона мебошад. Таълиму тарбияи кӯдакон вазифаи волидон, омӯзгорон, давлату ҷамъият мебошад. Вазифаи волидон аз фароҳам овардани шароитҳои моддӣ,

молиявӣ, маърифатию психологии таълим тарбияи дурусти кӯдакон иборат мебошад.

- *беътиноӣ ба эҳтиёҷоти кӯдак* – набудани таъминоти кофии эҳтиёҷот ва талаботҳои асосии кӯдак, яъне ғафлат намудан ё канорагирӣ кардан, бошуурона ё бешуурона аз вазифаҳои таълиму тарбияи кӯдак, ки рушди ҷисмонӣ, ақлонӣ, маърифатӣ, ахлоқӣ ё иҷтимоии кӯдак, саломатӣ, рушди ҷисмонӣ ва руҳии онро зери хатар мегузорад. Шаклҳои беэътиноӣ инҳоянд:
- *беъэтиноӣ дар таъмини гизои кӯдак* – маҳрум намудани кӯдак аз ғизо ё пурра сер накардани кӯдак;
- *беъэтиноӣ дар таъмин намудани сарулибоси кӯдак* – набудани сарулибос ва/ё пойафзоли, махсусан, дар фасли сармо;
- *беъэтиноӣ намудан аз беҳдошт* – риоя накардани меъёрҳои умумии беҳдошти шахсӣ, шароитҳои зиддисанитарии манзил, ки ба ҳаёт ё саломатии кӯдак таҳдид мекунанд;
- *беъэтиноӣ намудан аз кӯмаки тиббӣ* – набудан ё даст кашидан аз расонидани ёрии тиббӣ барои саломатии кӯдак, дар ҳолатҳои зарурӣ муроҷиат накардан ба кормандони тиббӣ;
- *беъэтиноӣ намудан ба таълим* – кӯдак ва ба мактаб нарафтани кӯдак;
- *беэътиноии эмотсионалӣ* – аҳамият надодан ба мушкилоти руҳию эмотсионалии кӯдак;
- *баэътиноӣ намудан ба назорати кӯдак* – мондан ё гузоштани кӯдак дар чунин шароит ё вазъиятҳое, ки дар онҳо набудани назорат метавонад боиси беморӣ, ҷароҳатбардорӣ, истисмор ё марги кӯдак гардад;
- *зӯроварӣ дар оила* – фаъолияти барқасдонаи зиддиҳуқуқии дорои хусусияти ҷисмонӣ, руҳӣ, шаҳвонӣ ва иқтисодӣ, ки дар доираи муносибатҳои оилавӣ аз тарафи як аъзои оила нисбати дигари аъзои оила содир шуда, сабаби поймолкунии ҳуқуқу озодиҳо, расонидани дарди ҷисмонӣ ва зарар ба саломатӣ ё таҳдиди расонидани чунин зарар ба саломатии ӯ мегардад (моддаи 1 *Қонун дар бораи пешгирӣ намудани зӯроварӣ дар оила*, ки аз тарафи Президенти ҶТ 19.03.2013 таҳти №954 ба имзо расидааст);
- *зӯроварӣ нисбати кӯдак* – шаклҳои муносибати дағалона аз тарафи волидон/намояндагони қонунӣ/шахси нигоҳубинкунандаи кӯдак ё ҳар гуна шахси дигаре, ки боиси расонидани зарари воқеӣ ё эҳтимолӣ ба саломатии кӯдак мегардад ва барои ҳаёти вай, шаъну эътибор ё ахлоқи вай хатарро эҷод намуда, намудҳои зерини зӯровариро дар бар мегиранд:
- *зӯроварии ҷисмонӣ* – барқасд расонидани осебҳои ҷисмонӣ ё зарар расонидан ба саломатӣ бо роҳи зарба, лагад, тела додан, аз

мӯйи сар кашидан, сӯзанзанӣ, ҷароҳат, сӯхтагиҳо, буғӣ кардан, газидан бо ҳар гуна шакл ва ҳар гуна қувва, заҳролудкунӣ, интиксикатсия, дигар амалҳои ба ин монанд. Зӯроварии ҷисмонӣ метавонад ҳам дар доираи оила (зӯроварӣ аз тарафи волидон ва васиён, зӯроварӣ нисбати кӯдакон аз тарафи бародар/хоҳар ва дигар хешовандон), ҳам берун аз оила (зӯроварӣ байни кӯдакон, байни омӯзгорону кӯдакон дар доираи муассисаҳои таълимӣ, зӯроварӣ байни кӯдакон берун аз муассисаҳои таълимӣ ва ғайра ) содир карда шавад;

- *зӯроварии шаҳвонӣ* – ҳар гуна зӯроварии дорои хусусияти шаҳвонӣ ё ҳар гуна рафтори зиддиқонунии шаҳвонӣ; талошҳои шаҳвонӣ; ҳар гуна рафтори номатлуб, талқинкунандаи шаҳвоният; маҷбур кардан барои машғул шудан ба фоҳишагӣ; ҳар гуна рафтори зиддиқонунӣ нисбати кӯдак, аз ҷумла дастмол кардан, бӯса кардан, ба кӯдак додани ҳолатҳои муайян ва дигар дастрасониҳои номатлуби дорои хусусияти шаҳвонӣ; истифода бурдани кӯдак барои тайёр кардани маводи порнографӣ; дигар амалҳои ба ин монанд. Зӯроварии шаҳвонӣ метавонад ҳам дар доираи оила, ҳам берун аз он ҷой дошта бошад.

- *зӯроварии психологӣ* – бор кардани ирода, шаклҳои гуногуни назоратро пурзӯр намудан, барангезиш додани ҳолати шиддатнокӣ ва ранҷи руҳӣ тавассути таҳқир намудан, масхара кардан, писхандзанӣ, ранҷонидан, дашном додан, азиятдиҳӣ, таҳдид, намоишкорона вайрон намудани ашёҳо, бо сухан таҳдид намудан, бо яроқ тарсонидан ё шиканҷа додани ҳайвонот; ҷудокунӣ тавассути ҳабс кардан, аз ҷумла дар манзили оилавӣ; ҷудо намудан аз муҳити оила, ҷамъият ва дӯстон; манъ кардани ба муассисаи таълимӣ рафтан; бошуурона маҳрум намудан аз дастрасӣ ба иттилоот; дигар амалҳои хусусияташон ба ин монанд. Зӯроварии психологӣ метавонад ҳам дар доираи оила (аз тарафи волидон, бародарон, хоҳарон, дигар хешовандон), ҳам берун аз оила(дар ҷамъият, муассисаҳои таълимӣ, дар шабакаи Интернет) ҷой дошта бошад.

- *зӯроварии иқтисодӣ* – маҳрум намудан аз маблағҳои иқтисодӣ ва маводҳои истеъмолӣ, аз ҷумла таом, дору, ашёҳои зарурияти аввалия; манъ кардани ҳуқуқи истифода ва ба кор бурдани амволи умумӣ; даст кашидан аз нигоҳубини моддии кӯдак; маҷбур намудан ба меҳнати вазнин ва барои саломатӣ зарарнок, дигар амалҳои хусусияташон ба ин монанд. Зӯроварии иқтисодӣ аксаран аз тарафи волидон ва шахсоне содир карда мешавад, ки нигоҳубини кӯдакон ба онҳо дода шудааст;

- *муносибати бераҳмона нисбати кӯдак* – амалҳои зӯроварӣ ва бераҳмона ё зоҳир намудани бефаъолиятӣ аз тарафи атрофиён, ки ба саломатии ҷисмонӣ ва руҳии ноболиғ, рушду некуаҳволии вай зарар мерасонанд, инчунин ҳуқуқу озодиҳои ӯро маҳдуд менамояд. Муносибати бераҳмона нисбати кӯдакон метавонад на фақат дар шакли зӯроварии ҷисмонӣ ё руҳӣ ё дастдарозӣ кардан ба дахлнопазирии ҷинсӣ, балки дар истифода бурдани усулҳои номатлуби тарбия, муносибати дағалона, беэътиноёна, пастзанандаи шаъну этибори инсонӣ нисбати кӯдакон, таҳқир ё истисмор намудани ноболиғон, зоҳир намудани зӯроварӣ нисбати дигар аъзоёни оила дар ҳузури кӯдак зоҳир гардад. Шаклҳои муносибати бераҳмона бо кӯдакон: зӯроварии ҷисмонӣ, шаҳвонӣ, психологӣ ва эътино накардан ба эҳтиёҷоти вай.
- *фурӯши кӯдакон* – ҷалб намудан, интиқол додан (аз диёри истиқоматгоҳи кӯдак ба дигар ҷойҳои ношинос), супурдан, пинҳон кардан ё гирифтани кӯдак ба мақсадҳои истисмор, ҳатто агар ин амалҳо бо истифодаи ҳар гуна воситаҳои маҷбуркунӣ содир нашуда бошанд ҳам, бо роҳи дуздидан, қаллобӣ, фиреб, суиистеъмол намудани ҳокимият ё осебпазирии мавқеъ ё ба воситаи додан ё гирифтани пул, ё ҳар гуна манфиат барои гирифтани ризоияти шахси нафари дигарро назораткунанда ба мақсади истисмор;
- *истисмори меҳнати кӯдакон* – коре, ки аз рӯи хусусият ё шароитҳои иҷроиш метавонад ба саломатӣ, бехатарӣ ё ахлоқи кӯдак зарар расонад;
- *кӯдак - ҷабрдида* - кӯдаке, ки ба вай бо роҳи амал ё бефаъолиятӣ зарари ахлоқӣ, ҷисмонӣ ё моддӣ дар натиҷаи зӯроварӣ, беэътиноӣ, истисмор, аз ҷумла тавассути технологияи иттилоотӣ, фурӯши одамон расонида шудааст;
- *мусоҳиба ба мақсади ҳимояи кӯдак* – сӯҳбати аввалин бо кӯдак, ки аз тарафи педагог ё психологи муассисаи таълимӣ барои баҳодиҳии аввалия гузаронида шавад, суҳбати аввалия бояд ба мақсадҳои муҳофизат ва манфиати кӯдак ба мақсади муқаррар намудани бехатарӣ ва таъмини ҳуқуқҳои он, хизматрасонӣ ба кӯдак, чораҳои муҳофизатӣ ҷавобгӯ бошад ;
- *ҳисобот оид ба баҳодиҳии психологӣ* – натиҷаи интиҳоии кори психолог, ки ба таҳлилу баҳодиҳии хусусиятҳои фардии психологии шахсияти кӯдак равона карда шуда (аксаран барои тасдиқ намудан/инкор намудани зӯроварӣ нисбати кӯдак, яъне ошкор намудани аломатҳои осеби психологӣ гузаронида мешавад), ба мақсади баҳодиҳии ҳолати муқаррарӣ, пешгӯии

рушди баъдина ва таҳияи тавсияҳои бо мақсадҳои баҳодиҳӣ асосонокшуда гузаронида мешавад;

- *шахси боваринок* – шахси калонсол аз зумраи атрофиёни кӯдак, ки нисбати вай кӯдак боварӣ дорад, бо вай муоширaт кардан мехоҳад ва ба ӯ оид ба вазъияте нақл кардан мумкин аст, ки дар он кӯдак худро таҳти таҳдид ё хатар ҳис намекунад;
- *таҳдиди бевосита* – ҳолатҳое, ки мавҷуд будани аломатҳои таркиби ҷиноятро бар зидди ҳаёт ва/ё саломатии кӯдак нишон медиҳанд ва барои солимии ҷисмонӣ ва/ё рӯҳии вай оқибатҳои вазнин доранд ё дошта метавонанд;
- *оилаи дар вазъияти хатарноки иҷтимоӣ қарордошта* – оилаи фарзанддоре, ки волидон ё намояндагони қонунии ноболиғон вазифаҳои худро оид ба тарбия, таълим ва (ё) нигоҳубин иҷро намекунанд ва(ё) ба рафтори онҳо таъсири манфӣ мерасонанд ё бо онҳо бераҳмона муносибат мекунанд ;
- *амрномаи муҳофизатӣ* – ҳуҷҷати қонуние, ки аз рӯи далели содир намудан ё таҳдиди содиркунии зӯроварӣ дар оила (мувофиқи моддаи 21 *Қонун дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила*) аз тарафи мақомоти корҳои дохилии ҷойи истиқомати ҷабрдидагони зӯроварии оилавӣ дода шуда, чораҳои муҳофизати ҷабрдидагони зӯровариро тавассути ҷорӣ намудани чораҳои маҳдуд намудани рафтори таҷовузкорон таъин менамояд;
- *пешгирӣ намудани зӯроварӣ дар оила* – (моддаи 1 *Қонун дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила)* маҷмӯи чораҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ташкилие, ки аз тарафи субъектҳои пешгирикунандаи зӯроварӣ дар оила амалӣ карда шуда, ба муҳофизати ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии инсон ва шаҳрванд дар доираи муносибатҳои оилавӣ равона карда шудаанд, муайян намудани сабабу шароитҳои ба зӯроварӣ дар оила мусоидаткунанда;
- *ревиктимизатсия* – раванди такрории виктимизатсия дар натиҷаи дахолати номувофиқи муассисаҳо ё мутахассисон нисбати кӯдакони аз зӯроварӣ ҷабрдида, беътиноӣ, истисмор, хариду фурӯш .

# ҚИСМИ II.
# МУҚАРРАРОТИ САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚӢ ОИД БА ТАЪМИН НАМУДАНИ МУҲОФИЗАТИ ДАВЛАТИИ КӮДАКОН

1. ЗО вайронкунии ҳуқуқҳои асосии инсон мебошад, ки дар *Конститутсияи ҶТ* нишон дода шудаанд – «ҳуқуқ ба ҳаёт, ҳуқуқи раво надидани шиканҷа, муносибати ғайриинсонӣ ва ҷазо» (моддаи 18); «инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ арзиши олӣ мебошанд.., ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро давлат эътироф, риоя ва ҳифз менамояд » (моддаи 5).

2. Принсипҳои умумӣ оид ба пешгирӣ намудани ҳар гуна шакли зӯроварӣ нисбати кӯдакон ҳамчун асоси *Конвенсияи СММ оид ба ҳуқуқҳои кӯдак*, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1993 тасдиқ намудааст, қабул карда шудаанд – «Ҳуқуқ ба муҳофизат намудан аз поймолкунии ҳуқуқ» (моддаи 3); − «Ҳуқуқ ба ҳаёт, зиндагонӣ ва рушд» (моддаи 6); −«Ҳуқуқ ба баён намудани ақидаву амалҳои худ» (моддаи 12) ва ғайра. Манъ намудани ҳар гуна шаклҳои зӯроварӣ, поймолкунии ҳуқуқ, истисмор намудани меҳнати кӯдакон ва харидуфурӯши кӯдакон дар *Протоколи факултативии Конвенсия оида ба ҳуқуқҳои кӯдак, ки иштироки кӯдакон дар низоъҳои яроқнок, харидуфурӯши кӯдакон, фоҳишагии кӯдакон ва порнографияи кӯдакон дахл доранд* (аз тарафи ҶТ соли 2000 тасдиқ карда шудааст); *Конвенсия дар бораи барҳам задани ҳама гуна шаклҳои поймолкунии ҳуқуқ нисбати кӯдакон* аз 18-уми декабри соли 1979 (аз тарафи ҶТ соли 1993 тасдиқ карда шудааст); *Конвенсия зидди шиканҷа ва дигар муносибатҳои бераҳмона, ғайриинсонӣ ва намудҳои пастзанандаи шаъну эътибори муносибат ва ҷазодиҳӣ* аз 10-уми декабри соли 1984 ( соли 1995 тасдиқ карда шудааст); *Конвенсияи байналхалқӣ оид ба ҳама гуна шаклҳои поймолкунии ҳуқуқи нажодӣ* аз 21-уми декабри соли 1965 (аз тарафи ҶТ соли 1995 тасдиқ карда шудааст); *Конвенсияи ташкилоти байналхалқии меҳнат «Дар бораи манъ намудан ва чораҳои фаврии решакан намудани шаклҳои бадтарини меҳнати кӯдакон»* аз 1-уми июни соли 1999 (аз тарафи ҶТ соли 2000 тасдиқ карда шудааст); *Конвенсияи СММ бар зидди ҷинояткории муташаккили миллӣ, Протоколи пешгирӣ ва барҳам задани харидуфурӯши одамон, махсусан занону кӯдакон ва ҷазо додан барои он, Протоколи зидди интиқоли ғайриқонунии муҳоҷирон тавассути хушкӣ, баҳр ва ҳаво, ки Конвенсияи СММ бар зидди ҷинояткории муташаккили миллиро пурра мекунад* (аз тарафи ҶТ соли 2002 тасдиқ карда шудааст) қайд карда шудааст.

3. *Қонун дар бораи пешгирӣ намудани зӯроварӣ дар оила,* ки аз тарафи Президенти ҶТ 19.03.соли 2013 таҳти № 954 ба имзо расидааст, барои ба танзим даровардани муносибатҳои ҷамъиятие пешбинӣ карда шудаанд, ки ба пешгирии зӯроварӣ дар оила алоқаманданд ва вазифаи субъектҳои пешгирӣ намудани зӯроварӣ дар оиларо оид ба ошкор намудан, пешгирӣ кардан ва барҳам задани сабабу шароитҳои ба зӯроварӣ дар оила мусоидаткунандаро муайян мекунанд. Моддаи 12-уми ин қонун салоҳияти мақомоти соҳаи маорифро оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оиларо тавассути амал намудани чунин чорабиниҳо муайян мекунад:

- иштирок дар барномаҳои таҳияву татбиқи пешгирӣ намудани зӯроварӣ дар оила ва ҳамкорӣ бо дигар субъектҳои пешгирикунандаи зӯроварӣ дар оила;
- ҳамкорӣ бо волидон ва дигар намояндагони қонунии ноболиғон оид ба масъалаҳои таълиму тарбияи кӯдакон;
- ошкор намудан ва ба мақомоти дахлдори давлатӣ барои чораҷӯӣ пешниҳод намудани маълумотҳо оид ба тарбиятгирандагон ва хонандагони ба зӯроварӣ дар оила дучоршуда;
- андешидани чораҳои тарғиботию иттилоотӣ оид ба пешгирӣ намудани зӯроварӣ дар оила;
-амалӣ намудани дигар салоҳиятҳое, ки санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян кардаанд.

4. Шахси аз ЗО ҷабрдида, ки ҳамчун ба «*шахси дар вазъияти душвори ҳаёти қарордошта*» баробар карда мешавад, худ аз худ ҳуқуқи истифода бурдани хадамоту хизматрасониҳои иҷтимоиро дорад, ки *Қонун дар бораи ҳифзи иҷтимоии* аз тарафи Президенти ҶТ 05.01.2008 таҳти №359 ба имзо расида пешбинӣ намудааст (моддаи 5 «Ҳуқуқи шаҳрвандон ба хизматрасонии иҷтимоӣ» ва моддаи 6 «Ҳуқуқи шаҳрвандон ба гирифтани иттилоот дар бораи хизматрасониҳои иҷтимоӣ»). Ғайр аз ин, мувофиқи Қарори Ҳукумати ҶТ *«Тартиб ва ҳаҷми хизматрасонии ройгони иҷтимоӣ»*, занону кӯдакони аз ҳар гуна шаклҳои зӯроварӣ ҷабрдида ба номгӯи муайяни хизматрасониҳо ҳуқуқ доранд.

5. Мувофиқи моддаи № 6 *Қонун дар бораи пешгирӣ намудани ЗО*, ҷабрдидагони ЗО барои гирифтани намудҳои зерини махсуси кӯмак ҳуқуқ доранд:

– гирифтани кӯмаки тиббӣ, психологӣ, ҳуқукию иҷтимоӣ;
– ба ҷойгир намудани ҷабрдида (аз рӯи ризоияти хаттияш) дар марказҳои дастгирӣ, марказ ё солимгардонии тиббию иҷтимоии ҷабрдидагон;

– ба гирифтани машварати ҳуқуқӣ ва дигар иттилоот оид ба муҳофизати бехатарии шахсӣ;

– барои муроҷиат намудан ба мақомоти худфаъолиятии ҷамъиятӣ ба мақсади муҳокима намудани рафтори шахси ЗО содирнамуда;

– барои муроҷиат намудан ба мақомоти корҳои дохилӣ, прокуратура ё суд оиди ба ҷавобгарӣ кашидани шахси ЗО содирнамуда.

6. *Қонун дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак*, ки аз тарафи Президенти ҶТ 18.03. соли 2015 таҳти №1196 ба имзо расидааст, (моддаи 3) ҳадафҳои сиёсати давлатиро оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак муайян менамояд, аз ҷумла:

– таъмин намудани ҳуқуқу манфиатҳои қонунии кӯдак ва роҳ надодан ба поймолкунии ҳуқуқи вай ;

– таҳкими кафолатҳои асосии ҳуқуқу манфиатҳои қонунии кӯдак, инчунин барқарор намудани ин ҳуқуқҳо дар ҳолати вайрон карда шуданашон;

– ташаккули кафолатҳои асосии ҳуқуқӣ ва манфиатҳои қонунии кӯдак;

– мусоидат намудан ба рушди ҷисмонӣ, ақлонӣ, руҳию ахлоқии кӯдак, тарбия намудани вай дар руҳи ватандӯстӣ, эҳсоси баланди шаҳрвандӣ ва сулҳдӯстӣ;

– таъмин намудани фаълияти мақсадноки ташаккули ҷаҳонбинӣ ва маърифати ҳуқуқии кӯдак;

– дар қонуни мазкур ҳамчунин қайд гардидааст, ки сиёсати давлатии ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак самти афзалиятноки фаъолияти мақомоти давлатӣ мебошад ва бо роҳҳои зерин амалӣ мегардад:

– эҳтиром намудани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, қонуният ва инсонпарварӣ;

– муқаррар намудани ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– дастгирии давлатии оила ба мақсади тарбияи мукаммали кӯдак, ҳимояи ҳуқуқҳои вай, тайёр намудани кӯдак барои ҳаёти шоиста дар ҷамъият;

– Моддаи 11-уми Қонун ҳуқуқи кӯдакро барои ҳаёт, озодӣ, дахлнопазирӣ, шараф, эътибор ва ҳаёти шахсӣ муайян менамояд: «Ҳар як кӯдак ба ҳаёт ва шароитҳое ҳуқуқ дорад, ки барои рушди мукаммали ҷисмонӣ, руҳӣ, маънавӣ ва ахлоқӣ заруранд. Кӯдак ба озодӣ, дахлнопазирӣ, шараф, эътибор ва ҳаёти шахсӣ ҳуқуқ дорад»

– Моддаи 13-уми худи ҳамин Қонун ҳуқуқи кӯдакро барои ҳифзи саломатӣ муайян менамояд: «давлат ба фароҳам овардани муҳити мусоиди ҳаётии барои рушди солими кӯдак зарурӣ мусоидат менамояд».

7. *Қонуни маорифи ҶТ,* ки аз тарафи Президенти ҶТ 17.05.2014 таҳти №34 (Моддаи 26 – Ташкил намудани раванди таълиму тарбия) изҳор менамояд: «Дар муассисаҳои таълимӣ интизом дар асоси эҳтироми шараф ва эътибори хонандагон, тарбиягирандагон, донишҷӯён, омӯзгорон нигоҳ дошта мешавад. Истифода бурдани усулҳои зӯроваронаи таъсири ҷисмонию руҳӣ нисбати онҳо манъ карда мешавад»; «Дар муассисаҳои таълимӣ новобаста аз шаклҳои ташкилию ҳуқуқӣ ва моликият аз иҷрои вазифаҳои асосӣ ба тарафи дигар кашидани кормандони педагогӣ, ҷалб намудани хонандагон, тарбиятгирандагон, донишҷӯён, аспирантҳо ба корҳои кишоварзӣ ва корҳои дигари бо таълиму тарбия алоқа надошта манъ карда мешавад».

8. *Контсепсияи рушди оила,* ки бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 30.12.соли 2015 таҳти № 801 тасдиқ карда шудааст, ҳамчунин ба мақсади мусоидат намудан дар татбиқи имкониятҳои тарбиявию мадании оила ва баланд бардоштани маърифати оилавӣ, пешгирӣ намудани бекоркунии ақди никоҳ, қонунвайронкунии кӯдакону наврасон ва баланд бардоштани масъулияти падару модарон дар таълиму тарбияи кӯдакон қабул карда шудааст. Муқаррароти *Контсепсияи* мазкур пешбинӣ менамоянд:

- сохторҳои дахлдор бо мақсади баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ дар воситаҳои ахбори омма, сомонаҳои интернетӣ ва дигар сарчашмаҳои ахбор дар шаклҳои гуногуни муосир масъалаҳои ҳуқуқии оилавиро мавриди таҳлилу таркиб қарор дода, пайваста муҳтавои барномаҳои маърифатиро такмил диҳанд (моддаи 22);
- тарбияи кӯдак вазифа ва қарзи волидон мебошад. Интихоби роҳи дуруст ва ташаккули муносибатҳои ба эҳтиром ва ҳамдигарфаҳмӣ асоснокшуда бояд меҳвари робитаҳои иҷтимоии оиларо ташкил диҳанд (моддаи 27);
- барои рушди муносибатҳои бунёдкорона ва инсонпарварона дар оила ва ҷамъият ташкил намудан ва гузаронидани чорабиниҳои гуногуни маданию маърифатӣ зарур аст (моддаи 29);

- дар тарбияи кӯдак ба назар гирифтани хусусиятҳои психологию синнусолӣ, дар ин раванд роҳ надодан ба зӯроварӣ (моддаи 29).

9. *Тартиб ва ҳаҷми хизматрасонии ройгони иҷтимоӣ,* ки бо Қарори Ҳукумати ҶТ аз 13.12.соли 2012 таҳти № 724 тасдиқ карда шудааст, номгӯи гурӯҳҳои иҷтимоии шаҳрвандонеро муайян менамояд, ки гирандагони хизматрасонии ройгони иҷтимоӣ мебошанд (моддаи 4), ки дар зумраи онҳо занону кӯдаконе нишон дода мешаванд, ки аз ҳар гуна шаклҳои зӯроварӣ ранҷ мекашанд.

10. *Қонун Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд",* ки аз тарафи Президенти ҶТ 02.08.2011 таҳти №762 ба имзо расидааст (моддаи 8 «Масъулияти падару модар барои тарбияи кӯдакон») вазифаҳои зерини падару модарро барои тарбияи кӯдакон пешбинӣ менамояд:

– фароҳам овардани шароит барои ҳифзи саломатӣ, ташаккули ҷисмонӣ, маънавӣ, маърифатию ахлоқии кӯдак;

– омода намудани кӯдак ба ҳаёти мустақилона;

– тарбия намудани кӯдак дар руҳияи эҳтиром нисбати Ватан, қонун, дастовардҳои миллию умумиинсонӣ;

– роҳ надодан ба ҳозир шудани кӯдакони то шашсола бе роҳнамоии шахсони ба синни чордаҳсолагӣ расида дар кӯча ва дигар ҷойҳои ҷамъиятӣ;

– эҳтиром намудани шарафу эътибори кӯдакон ва роҳ надодан ба муносибати бераҳмона нисбати онҳо;

– новобаста ба ҷинс, синну сол, қобилияти зеҳнӣ, ҷисмонӣ ва рӯҳии фарзанд, нисбат ба ӯ баробар муносибат намоянд;

– дар вақти шабона ба марказҳои дилхушӣ рафтани фарзанди то бистсолаашонро манъ намоянд;

– кирдорҳои зиддиҷамъиятӣ, муомилаи дағалона бо атрофиён, халалдор намудани оромӣ, истифодаи суханҳои қабеҳ, рафтори дағалона дар кӯчаҳо, хиёбонҳо, майдонҳо, муассисаҳои фароғатӣ, дохили нақлиёт, хобгоҳҳо, манзили зист, дигар ҷойҳои ҷамъиятӣ ва муносибати тахрибкоронаи фарзандро ба муҳити зист пешгирӣ намоянд;

– ба фарзанд тамошои филмҳои дорои хусусияти шаҳвонӣ, зӯроварӣ, экстремистӣ ва террористиро манъ намоянд;

– ба фарзанд мутолиа ва паҳн кардани сабтҳои электронӣ (аз ҷумла, тариқи телефонҳои мобилӣ), китобҳо, варақаҳо,

рӯзномаҳо, маҷаллаҳо ва дигар маводи чопии дорои хусусияти шаҳвонӣ, зӯроварӣ, экстремистӣ ва террористиро манъ намоянд;

– ба ҷалб намудани фарзанд ба корҳои хавфнок ва вазнини ба саломатии ӯ зараровар ва ҳамчунин дигар корҳое, ки ба инкишофи мӯътадили ҷисмонӣ ва равонии фарзанд халал мерасонанд, иҷозат надиҳанд;

11. *Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон* муқаррар менамояд (моддаи 69), ки падару модар (яке аз онҳо) метавонанд аз ҳуқуқи волидайнӣ маҳрум карда шаванд, агар онҳо :

– бо кӯдакон бераҳмона муносибат намоянд, аз ҷумла нисбати онҳо зӯроварии ҷисмонӣ ё руҳиро раво бинанд, ба дахолатнопазирии ҷинсии онҳо дастдарозӣ кунанд;

– аз иҷрои вазифаи падару модарии худ саркашӣ намоянд, аз ҷумла ҳангоми саркашии беинсофона аз пардохти алимент;

– суиистеъмол намудани ҳуқуқҳои падару модарии худ;

– бадмаст ё нашъаманди музмин бошанд;

– ҷинояти бадқасдонаро нисбати ҳаёт ё саломатии кӯдакони худ ё нисбати ҳаёт ё саломатии ҳамсарашон содир намуда бошанд.

Ҳамчунин моддаи 77 *Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон* муқаррар менамояд, ки дар ҳолати таҳдиди бевосита ба ҳаёту саломатии кӯдак мақомоти *васоят* ва парасторӣ барои баровардани қарори мувофиқ оид ба фавран гирифтани кӯдак аз падару модар ё яке аз онҳо ё дигар шахсоне, ки кӯдак дар сарпарастии онҳо мебошад, ҳуқуқ доранд.

12. *Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон* муҷозотро барои содир намудани амалҳои зӯроварӣ нисбати кӯдакон дар моддаҳои зерин пешбинӣ менамояд:

– «Ҷиноят бар зидди оила ва ноболиғон» (моддаҳои 165-178);

– «Амалҳои зӯроварии дорои хусусиятҳои шаҳвонӣ» (моддаи 139);

– «Алоқаи ҷинсӣ ва дигар амалҳои дорои хусусиятҳои шаҳвонӣ бо шахсони ба синни 16 солагӣ нарасида» (моддаи 141);

– «Зарбу лат» (моддаи 116); «Шиканҷа» (моддаи 117), инчунин «Ҷиноят бар зидди оила ва ноболиғон» (моддаҳои165-178);

– «Иҷро накардани вазифаҳои тарбияи ноболиғ аз тарафи падару модар ва дигар шахсоне, ки ба зиммашон ин вазифа гузошта шудааст: ҳамчунин педагогҳо ва дигар кормандони муассисаи таълимию тарбиявӣ, агар ин амал бо муносибати бераҳмона нисбати ноболиғон алоқаманд бошад» (моддаи 174);

– «Нокифоя иҷро кардани вазифаҳои худ нисбати таъмин намудани бехатарии ҳаёт ва саломатии кӯдакон, ки чунин вазифаҳо аз рӯи хизмат бар души онҳо гузошта шудааст, ё шахсоне, ки ин вазифаҳоро бо супориши махсус ё иҷро мекунанд ё ихтиёрӣ чунин вазифаҳоро ба зиммаи худ гирифтаанд, агар дар натиҷаи ин аз рӯи беэҳтиётӣ ба саломатии кӯдаки хурдсол зарари вазниниаш миёна расонида шуда бошад» (моддаи 175).

# ҚИСМИ III.
# ФАЪОЛИЯТИ КОРМАНДОНИ ПЕДАГОГӢ ОИД БА ПЕШГИРӢ НАМУДАНИ ЗӮРОВАРӢ ВА ТАРБИЯИ ҚОЛАБҲОИ ҒАЙРИЗӮРОВАРИИ РАФТОР

1. Мақомоти соҳаи маориф, новобаста аз шаклҳои ташкилию ҳуқуқӣ ва моликият барои фаро гирифтани ҷанбаҳои пешгирии зӯроварӣ дар/берун аз оила, зӯроварии байни ҳамсолон дар/берун аз муассисаи таълимӣ, зӯроварӣ дар сомонаҳои Интернет дар доираи соатҳои мавзӯӣ ва мувофиқи Модулҳои/куррикулуми таълими фанҳои ҳатмии мактабӣ "Маърифати оиладорӣ", "Одоби муошират ва рӯзгордорӣ" (синфҳои IX-X), Асосҳои давлат ва ҳуқуқ (синфҳои 8-9) «Ҳуқуқи инсон» (синфҳои X-XI), ва мувофиқи маводҳои методии барои омӯзгорон тасдиқнамудаи ВМваИ вазифадоранд. Ҳамаи намудҳои фаъолияти дар муассисаи таълимӣ ба мақсади пешгирӣ намудани омилҳои хатароваранда ба кӯдак ва калонсолон ва таҳкими омилҳое, ки онҳоро аз чунин вазъият муҳофизат мекунанд, ба кам намудани зӯроварӣ мусоидат мекунанд. Амалҳои пешгирии аввалия ба хонандагон равона карда шуда, ба пешниҳод намудани иттилоот оид ба масъалаи зӯроварӣ ва оқибатҳои он нигаронида шудаанд.

Омӯзишӣ фанҳои таълимӣ ва чорабиниҳои берун аз синфии тарбиявӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ нисбати кӯдакон инкишоф додани малакаҳои зеринро дар бар мегиранд:

- Малакаи худшиносӣ ва шинохти атрофиён;
- Малакаи фаҳмидани эҳсоси одамони дигар ва таҳаммулпазирӣ;
- Малакаи тафаккури танқидӣ ва мусбӣ нисбат ба ҳодисаю воқеаҳо;
- Малакаи муоширати ассертивӣ;
- Малакаи “Не” гуфтан дар ҳолатҳои зарурӣ;
- Малакаи ба таври осоишта ҳал намудани мушкилиҳо;
- Малакаи пешгӯӣ намудани хавфҳо ва оқибати он;
- Малакаи иттилоотдиҳӣ (ҷустуҷӯи муҳофизат, коркард, интиқоли иттилоот);
- Малакаи таҳаммул намудан дар дарсҳо ва истифода намудан аз таҷрибаи шахсӣ ва таҷрибаи атрофиён;
- Малакаи худмуҳофизаткунӣ ва муроҷиат намудани кӯдак ба шахсони масъул;
- Малакаи қабул намудани қарорҳои мувофиқу бехатар;

• Малакаи барқарор намудан, нигоҳдорӣ ва қатъкунии муносибатҳо ва ғайра.

Кормандони муассисаи таълимӣ мулоҳизаҳои зеринро оид ба мундариҷаи мавзӯӣ ва методикаи фаъолияти таълимию тарбиявӣ метавонанд истифода намоянд:

– маълумот додан оид ба ҳуқуқҳои кӯдак барои муҳофизат аз зӯроварӣ, беэътиноӣ, истисмор, аз ҷумла ба таъмин намудани муҳити бехатар, солим, ки барои инкишофи кӯдак мусоидат мекунад ва ҳамзамон дар муассисаҳои таълимӣ муносибатҳои конструктивӣ байни хонандагон ташаккул меёбад;

– донишу малакаҳои кӯдакон, ки дар доираи фанҳои мактабӣ мувофиқи куррикулуми таълимӣ ташаккул меёбанд, аз ҷумла, дар таълими фанҳои "Маърифати оиладорӣ", "Одоби муошират ва рӯзгордорӣ" (синфҳои IX-X), Асосҳои давлат ва ҳуқуқ (синфҳои 8-9) «Ҳуқуқи инсон" (синфҳои X-XI)ва ҳангоми таҳияи нақшаи таълимӣ вазъиятҳои гуногуни ҳаётӣ ба эътибор гирифта шавад. Ба ҳамин тариқ, ҳодисаҳои зӯроварӣ тавассути маҷмӯи малакаҳои иҷтимоӣ пешгирӣ карда мешавад ва кӯдак метавонад ҳангоми вазъиятҳои гуногуни ҳаётӣ истифода намояд;

– фаъолияти шаффоф ва конструктивӣ мавзӯъҳоеро дарбар мегирад, ки бо ҳар гуна фарқияти одамон хотима мебахшад (дар байни онҳо: ҷинс, мансубияти этикӣ, вазъи молиявии оила, муваффаққияти хониш дар мактаб, ҳолати саломатӣ ва ғайра). Пешравӣ ва муваффақият нобаробарӣ ва фосилаи иҷтимоии баёни хонандагон ва гурӯҳҳои иҷтимоии гуногунро аз байн бурда, ба муттаҳидӣ ва эҳтироми онҳо мусоидат менамояд;

– додани иттило ба кӯдакон оид ба падидаҳои гуногуни зӯроварӣ, муайян карда тавонистани ҳолатҳои зӯроварӣ ё вазъияти хатарнок оид ба оқибатҳои зӯроварӣ, беътиноӣ ва истисмор, инчунин додани маълумот дар бораи вазъиятҳое, ки дар он ҷабрдидагони зӯроварӣ қарор доранд ё шубҳа мекунанд. Хонандагон бояд аз хабар додан ба педагог (омузгор) ё психолог дар бораи чунин ҳолатҳо натарсанд, инчунин ташкилот/хадамотҳои маҳалиеро донанд ки ба онҳо ҳангоми дучор шудан ба мушкилот муроҷиат карда метавонанд;

– инкишофи босуръат ва дастрасии васеъ ба технологияҳои иттилоот муҳити наверо ба вуҷуд меовардад, ки дар он тарсонидану зӯроварӣ нисбати кӯдакон дар мактаб ва берун аз он эҳтимол дорад. Дар чунин вазъият кӯдакон ба малакаи худмуҳофизаткунӣ эҳтиёҷ доранд ва риоя намудани қоидаҳои бехатарии шахсӣ ба монанди пешниҳод накардани маълумотҳои

шахсӣ дар бораи худ ва оилаашон, ҷойгир накардани расмҳое, ки метавонанд кӯдакро осебпазир намоянд ва ғайра;

– ба барномаи пешгирии аввалия дохил намудани мавзӯъҳое, ки ба нақши шоҳидони ҳодисаҳои зӯроварӣ дар хабар додани онҳо, ба ҷабрдидагони зӯроварӣ кӯмак расонидан ва дастгирии кӯдакони нисбатан осебпазир яке аз стратегияҳое мебошад, ки ба кӯмак расонидани ҷабрдидагон аз зӯроварӣ ва бартараф намудани маргинализатсия/ҷудо намудани онҳо аз коллектив ва оила мусоидат менамояд;

– бо ёрии омӯзгорон кӯдакон дар синф усулҳои гуногуни ҳалли конструктивии низоъро меомӯзанд, бартарияти онҳоро вобаста ба вазъияти мушаххас баррасӣ мекунанд, ба худ нақши ҳарду тарафро қабул мекунанд, кӯшиш мекунанд фаҳманд, ки онҳо худро чӣ гуна эҳсос мекунанд ва ғайра. Бо ёрии роҳбари синф кӯдакон нофаҳмиҳо/иштибоҳҳои воқеиеро таҳлил мекунанд, ки дар ҳаёти баъзе аз хонандагон, синф ё мактаб рӯй медиҳанд; бо ёрии он кӯдакон техникаи ғайризӯроваронаи ҳал намудани онҳоро истифода мебаранд (масалан, бозии нақшофаринӣ). Ҳангоме ки бо чунин ҳолатҳо дар мактаб ё берун аз он дучор мегарданд, кӯдакон малакаҳои ташаккулёфтаро истифода мебаранд. Дар ин замина муҳим аст, ки онҳо имконияти андеша ронданро оид ба таҷрибаи воқеии худ имконият дошта бошанд, ки ба омӯзгор низ барои таъмин намудани судмандии чорабинии тарбиявӣ кӯмак расонад. Табиату мураккабии донишҳои ба кӯдакон пешниҳодшаванда ва маҳоратҳои дар онҳо ташаккулёфта бояд ба хусусиятҳои синнусолӣ, махсусияти равандҳои гурӯҳҳи дар ҳар як синф (дараҷаи боварӣ ва муттаҳидӣ, дараҷаи махрифати байнишахсӣ, мавҷуд будани қобилият барои ба роҳ мондани муносибатҳо ва ғайра) ва дараҷаи балоғати кӯдакон мувофиқ бошанд. Чорабиниҳои тарбиявие, ки дар муассисаи таълимӣ гузаронида мешавад, бояд ба дараҷаи маҳорату дониши кӯдакон барангезиш додани инкишофи малакаҳои нав асоснок карда шуда, имконияти зиёди истифодаи онҳо, инчунин фароҳам овардани фазои бовариро барои баланд бардоштани самаранокии раванди таълим мусоидат намоянд.

– ташаккули малакаҳо тавассути стратегияҳои таълимӣ амалӣ карда мешаванд (масалан, корҳои гурӯҳӣ, бозиҳои нақшӣ, таҳия намудани постерҳо/гӯшаҳои иттилоотӣ, таҳлили ҳодисаҳои мушаххас, техникаҳои ба қабул намудани мавқеи муайян ва ифдодаҳои хусусӣ асоснокшуда ва ғайра);

– истифода бурдани усулбҳои гуногуни таълим ва усулҳои интерактивӣ барои фароҳам овардани фазои бовариноке мусоидат

мекунанд, ки дар он кӯдакони дорои таҷрибаи худро бехатар эҳсос мекунанд. Ин муҳити солим махсусан барои кӯдаконе муҳим аст, мушкилоти ифода ва интегратсияи таҷрибаи шахсии бо зӯроварӣ алоқамандро эҳсос мекунанд. Дастгириро ҳангоми дарккунӣ ва хабар додани таҷрибаи шахсӣ эҳсос намуда, кӯдакон дар бартараф намудани тассуроти манфӣ ва мустаҳкам намудани боварӣ ба худ ва худназораткунӣ кӯмак мерасонад;

– намудҳои фаъолият ва усулҳои истифодашаванда бояд ҳаёти воқеии кӯдаконро дар бар гирад. Алоқаманд намудани иттилооти нав бо вазъиятҳои мушаххас аз ҳаёти синф/мактаб/ҷомеа (ҳодисаҳои начандон калоне, ки аниқ дар байни кӯдакон ба амал меоянд) барои аз худ намудани малакаҳо ва баланд бардоштани дараҷаи боварӣ ба истифодаи онҳо мусоидат менамоянд;

– гуногунрангии чорабиниҳои берун аз синфӣ, ки дар муассисаи таълимӣ мувофиқи шавқу завқи кӯдакон пешниҳод мегардад, ба фароҳам овардани имкониятҳои конструктивӣ барои худтаҳлилкунӣ ва гузаронидани вақти холӣ дар шакли судманд мусоидат мекунанд;

– ҷалб намудани шарикон оид ба таълиму тарбия дар иттилоотдиҳии кӯдакон/хонандагон аз рӯи мавзӯъҳои омодагии махсусро талабкунанда: қонунгузорӣ, ҷанбаҳои тиббӣ ва ғайра имкон дорад, дар ин маврид бояд мувофиқати сиёсати муассисаи таълимӣ аз рӯи масъалаҳои муҳофизати кӯдак, идеяҳои пешниҳодшаванда ва стратегияи кори истифодабарандаи намояндагони муассисаҳои дигар таъмин карда шавад.

2. Роҳбарони синфҳо, барои фаро гирифтани ҷанбаҳои пешгирии зӯроварӣ дар/берун аз оила, зӯроварӣ байни ҳамсолон дар/берун аз муассисаҳои таълимӣ ва зӯроварӣ дар ҳолатҳои доираи Интернет, дар доираи соатҳои синфӣ ҳамчун қисми таркибии нақша оид ба чорабиниҳои тарбиявӣ ва мувофиқи дастурамалҳои методӣ барои омӯзгорон, ки аз тарафи ВМ ваИ ҶТ тасдиқ карда шудааст, истифода намоянд.

3. Роҳбарони синфҳо дар ҳамкорӣ бо психологҳо (агар чунин вазифа дар муассисаи таълимии мазкур мавҷуд бошад) новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва моликият фаро гирифтани ҷанбаҳои пешгирии зӯроварӣ дар/берун аз оила, зӯроварӣ байни ҳамсолон дар/берун аз муассисаҳои таълимӣ ва зӯроварӣ дар доираи Интернет, дар доираи маҷлисҳои падару модарон маълумот диҳанд. Мундариҷаи чунин машғулиятҳои маҷлиси падару модарон бо

дастурамали методии ВМваИ-иҶТ танзим карда мешавад, мавзӯъҳои зеринро метавоанд дар бар гирад:

- таъсири/оқибатҳои зӯроварӣ дар оила ва дигар намудҳои зӯроварӣ ба кӯдак;
- вазифаи падару модар дар тарбияи кӯдак;
- аз ҷониби қонунгузорӣ пешбинӣ намудани муҷозот барои содир намудани зӯроварии волидон нисбати фарзандон, аз ҷумла истисмори меҳнати кӯдакон ва манъ кардани дар муассисаҳои таълимӣ таҳсил намудани фарзандон;
- салоҳияти психологи мактаб оид ба ташхиси осеби психологии кӯдак – чабрдидаи эҳтимолии зӯроварӣ ва машваратдиҳии оилавӣ барои ба танзим даровардани низоъҳо дар оила ва дар доираи муассисаҳои таълимӣ ва салоҳияти кормандони тиббӣ ҳангоми ошкор намудани низҳои намоёни зӯроварӣ дар бадани кӯдак.

Дар байни дигар мавзӯъҳое, ки психологҳои муассисаҳои таълимӣ дар маҷлиси падару модарон (ё дар доираи сӯҳбатҳои фардӣ бо волидон) оид ба иҷро намудани ухдадориҳои худ дар тарбияи кӯдакон мегузаронанд, масъалаҳои зеринро ба ҳисоб гирифтан муҳим аст: ба ҳисоб гирифтани марҳилаҳои гуногуни синнусолӣ; талаботҳои кӯдак, ки бо инкишофи муътадили кӯдак алоқаманданд; одоби муоширaт бо кӯдакони синну соли гуногун; ба назар гирифтани машғулиятҳои асосии кӯдак ва пешгири намудани машғулиятҳое, ки ба саломатию рушди онҳо зарар мерасонанд; муайян намудани нақши хадамотҳои маҳаллие, ки ба волидон дар тарбияву ғамхории кӯдак кӯмак расонида метавонанд; истифодаи усулҳои солим ва мувофиқ ба синну соли кӯдак бехушунату зӯроварӣ тарбия намудани кӯдак, ки барои азхуд намудани рафтори дилхоҳу мақбул барои волидон ва ҷомеа аз нуқтаи назари эмотсионалӣ ва иҷтимоӣ мусоидат намояд, таъмин намудани шароит, ки ба эҳтироми шаъну шарафи кӯдак кӯмак расонад; фаъолияти якҷоя, ки барои фароҳам овардани фазои мусбати муносибатҳо бо кӯдак мусоидат менамояд (масалан, хониши дукаса, кӯмак расонидан дар иҷрои вазифаи хонагӣ, бозиҳо дар оила).

Самаранокии чорабиниҳои ба волидон раовнакардашуда аз якчанд омилҳо вобастагӣ дорад: банақшадарории онҳо дар асоси талаботҳои кӯдак аз ҷониби волидон, пешниҳод намудани чорабиниҳо ба мақсади дастгирии волидон ҳамчун шахси масъул дар таълиму тарбия ва зоҳир намудани ғамхорӣ нисбати кӯдак, ба роҳ мондани фаъолияти мунтазам ва ҳамкориҳои мутақобила бо оила ва кӯдак. Ҳангоми дар маҷлиси падару модарон аз иштирок даст кашидани волидон/васиён (ё онҳое, ки бо сабабҳои муайян

дар маҷлис иштирок карда наметавонанд), роҳбари синф ё психолог барои шаклҳои алтернативии муошират бо чунин волидон тавассути воситаҳои муосирро (телефон, Интернет) бояд ба роҳ монанд. Дар ҳолати қатъиян рад намудан ё беэътиноӣ намудан нисбати кӯдак ё дигар кӯдакони муассисаи таълимӣ Комиссия оид ба ҳуқуқҳои кӯдак ё мақомоти васоят/сарпарастӣ хабардор карда шавад.

Ба ҳамин тариқ кӯмаки аввалияи ба волидон/намояндагони қонунӣ/ васиён равонакардашуда қисми муҳими фаъолияти пешгирии зӯроварӣ нисбати кӯдакон мебошад ва ба назар гирифтани масъалаҳои зер ин муҳим аст:

– гирифтани донишҳои зарурие, ки барои баланд бардоштани муқовимот кардан ба зӯроварӣ, беътиноӣ, истисмор ва оқибати ҳамаи шаклҳои зӯроварӣ барои саломатӣ ва рушди кӯдак мусоидат мекунанд, барои волидон/васиёни кӯдакон муҳим аст;

– иттилоотдиҳӣ ба волидон/васиён дар бораи ҳуқуқҳои кӯдак барои муҳофизат аз ҳар гуна шаклҳои зӯроварӣ, аз ҷумла ҳамчунин дар бораи дигар муқаррароти қонунгузорӣ дар соҳаи зӯроварӣ нисбати онҳо;

– иттилоотдиҳӣ ба волидон/васиён дар бораи муқаррароти тартиботи фаъолияти муассисаи таълимӣ оид ба ошкор намудан, хабар додан, бозфиристонӣ ва кӯмак расонидан дар ҳолатҳои зӯроварӣ нисбати кӯдакон, қабул намудани чораҳои муҳофизат ва кӯмакрасонӣ ба онҳо.

4. Пешгирӣ намудани ҳолатҳои зӯроварӣ нисбати кӯдакон, маҷмӯи чорабиниҳоеро дар бар мегиранд, ки аз инҳо иборат аст:

– эҳтиром намудани ҳуқуқҳо ва эҳтиёҷоти кӯдак;

– ба роҳ мондани муносибати солими баробари гендерӣ нисбати кӯдак;

– ба раванди корҳои тарбиявӣ дохил намудани иттилооте, ки ба кӯдакон дар дарк намудани муносибати гендерӣ ва роҳ надодан поймолкунии ҳуқуқи гендерӣ кӯмак мерасонад;

– ба назар гирифтани эҳтиёҷоту мушкилоти кӯдак ва падару модари вай;

– дастгирӣ/муосидат намудан ба инкишофи тарзи ҳаёти солими кӯдакон, ки барои нигоҳ доштани саломатии руҳию ҷисмонии онҳо мусоидат менамояд (аз ҷумла, дар муҳити мактаб, дар оила, дар ва шабакаҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла Интернет);

– кӯдаконро дар руҳияе тарбия намудан зарур аст, ки ҳангоми онҳо барои кӯмак ба психолог ё роҳбари синф дар ҳолати

ҳодисаи зӯроварии бо онҳо содиршуда аз мурочиат намудан шарм намедоранд ва наметарсанд;

– додани маълумот ба кӯдакон дар бораи хадамотҳои мавҷудаи кӯмакрасонӣ дар ҳолатҳои зӯроварӣ, ба монанди телефони боварӣ, машваратдиҳии on-line, ва ғайра, инчунин мумкин аз хадамоти маҳаллӣ (аз ҷумла Комиссияи ҳуқуқҳои кӯдак дар назди мақомоти маҳаллии иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, мақомоти васоият ва парасторӣ, мақомоти тибби судӣ, ШКД, ҳифзи иҷтимоӣ ва ғайра барои баррасӣ дар ҳолати ошкор намудани ҳодисаҳои зӯроварӣ нисбати кӯдакон;

– баланд бардоштани малакаҳои касбии омӯзгорон оид ба ҷанбаҳои пешгирии ҳар гуна зӯроварӣ нисбати кӯдакон.

5. Муассисаи таълимӣ барои кӯдак муҳити бехатар мебошад, зеро дар онҷо тадбирҳо ҷиҳати пешгирӣ намудани зӯроварӣ андешида мешаванд, ки муҳимтаринаш инҳоянд:

– мунтазам гузаронидани мониторинги касбии омӯзгорон ба мақсади пешгири намудани истифодаи ҳар гуна намудҳои зӯроварӣ нисбати кӯдакон;

– роҳбарияти муассиса иқтидори кормандони худро оид ба пешгирӣ ва вокуниш ба ҳодисаҳои (эҳтимолии) зӯроварӣ нисбати кӯдакон, инчунин аз ҳисоби ҷалб намудани дигар мутахассисон оид ба дахолати онҳо дар вазъияти таҳдиди бевосита ба кӯдакон ва беэътиноӣ намудан нисбати кӯдакон, барои бехатарӣ ва солимии кӯдак мусоидат намояд;

– кормандони муассисаҳои таълимӣ ба кӯдакон оид ба ҳуқуқҳояшон ва чӣ гуна аз зӯроварӣ худро муҳофизат намудан иттилоот медиҳанд ва дар доираи муассисаи таълимӣ гӯшаҳои иттилоотӣ бо ахбороти ҷиҳати маълумотгирӣ ташкил карда шавад;

– дар муассисаи таълимӣ фароҳам овардани фазои мусбати тадрис/таълим ва ҳавасманд намудани кӯдакон ҷихати додани маълумот дар бораи худ дар оила ё муносибаташон бо ҳамсолон ва муҳими иҷтимоӣ, ҳамзамон дар ҳолати зарурӣ ташкил ва ба роҳ мондани кӯмак ва ёрии психологӣ;

– дар муассисаи таълимӣ системаи бақайдгирии ҳодисаҳои зӯроварӣ, муносибати бераҳмона нисбати кӯдакон ташкил карда шуда, дар ҳолатҳои зарурӣ ба кӯдакон кӯмаки саривақтии дастгирӣ ва чораандешӣ карда шавад;

– роҳбарони синф ва психологҳо дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо волидон фаъолона ҳамкорӣ намуда, барои беҳтар намудани муҳити бехатар барои кӯдакон тадбирандешӣ намоянд;

– кормандони муассисаҳои таълимӣ муқаррароти Дастурамали мазкурро риоя намуда, оид ба ҳодисаҳои зӯроварӣ нисбати кӯдакон роҳбарияти муассисаи таълимиро хабардор кунанд, агар онҳо шоҳиди чунин ҳодисаҳо дар доираи мусассисаи мазкур шуда бошанд.

6. Муқаррароти санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҳар гуна падидаҳои зӯроварӣ нисбати кӯдаконро манъ мекунанд ва инкишофи ҳуқуқҳои кӯдакон сарварони муассисаҳои таълимӣ оид ба ташкил намудани (бо ҷалби хонандагони синфҳои болоӣ) гӯшаҳои иттилоотӣ/овезаҳои деворӣ дар мавзӯи «Ба зӯроварӣ роҳ нест», Оилаи хушбахт – оилаи бе зӯроварӣ ва ғайра чораҳо меандешанд, ки ҷавононро дар руҳияи қобили қабул набудани ҳар гуна шаклҳои зӯроварӣ ва баланд бардоштани саводнокии ҳуқуқии ҷавонон тарбия мекунанд. Маводҳои айёнӣ бояд дар минтақаи фаъолияти таълимӣ хонандагони синфҳои болоии муассисаҳои таълимӣ овехта шаванд ва бояд рақами *Хадамоти Телефонии ШКД -1919-ро,* ки ҳамаи хоҳишмандон метавонанд занг зананд ва дар бораи ҳодисаи зӯроварӣ нисбати кӯдакон хабар диҳанд, инчунин *Телефони Боварии назди ШКД дар ш. Душанбе – 212121-ро дар бар гиранд.*

7. Барои баланд бардоштани огоҳии кӯдакон дар бораи падидаҳои зӯроварӣ дар оила ва ташаккули муносибати таҳаммулнопазири кӯдакон нисбати он, баланд бардоштани саводнокии ҳуқуқии хонандагони синфҳои болоӣ, дар арафаи яке аз рӯзҳои таҷлили *Рӯзи модарон* (8-уми март), *Рӯзи байналхалқии оила*(15-уми май), *Рӯзи байналхалқии кӯдакон* (1-уми июн) ё дар доираи аксияи ҳарсолаи байналхалкии «*16 рӯзи фаъолнокӣ бар зидди зӯроварии гендерӣ*» (25 ноябр-10 декабр) роҳбарони муассисаҳои таълимӣ бо ташкилотҳои ҷамъиятии зинаи маҳаллӣ, ки фаъолияти худро дар муқовимат ба зӯроварӣ дар оила амалӣ менамоянд, ҳамкорӣ кунанд, ки якҷоя бо муассисаҳои таълимӣ метавонанд озмуни расмҳоро дар мавзӯи «Оилаи хушбахт – оилаи бе зӯроварӣ», «Ҷавонон бар зидди зӯроварӣ», «Дар фазои Интернет барои зӯроварӣ ҷой нест» ва дигар мавзӯъҳо оид ба манъ намудани меҳнати маҷбурии кӯдакон ва пешгирӣ намудани харидуфурӯш /истисмори кӯдаконро доир намоянд, викторинаҳои шавқовар, эссе ва дигар чорабиниҳои тарбиявиро ба мақсади пешгирӣ намудани ҳар гуна намудҳои зӯроварӣ нисбати кӯдакон ташкил намоянд.

8. Раёсату шуъбаҳои маориф дар матбуоти даврӣ (маҷаллаҳо, бюллетенҳо) оид ба мавзӯи пешгирии зӯроварӣ дар оила мақолаҳо нависанд, аз ҷониби психологҳо ва педагогҳои мактабӣ, маълумотҳоро ҷиҳати расонидани кӯмак ба ҷабрдидагони зӯроварӣ чоп намоянд.

# ҚИСМИ IV.
# ДАСТУРАМАЛ ОИД БА ДАХОЛАТИ КОРМАНДОНИ СОҲАИ МАОРИФ БА ҲОДИСАҲОИ ЭҲТИМОЛИИ ЗӮРОВАРӢ НИСБАТИ КӮДАКОН

## 1. Тартиби ошкор намудан ва бақайдгирии ҳодисаҳои зӯроварӣ, беэътиноӣ, истисмори меҳнати кӯдакон ё харидуфурӯши кӯдакон

1.1. *Сабаб барои дахолати* мутахассисон оид ба омӯзиши вазъияти оила манбаҳои зерин шуда метавонад:

- ахборот аз кӯдак;
- ахборот аз волидон (намояндагони қонунӣ), дигар аъзоёни оила;
- ахборот аз мутахассисон;
- ахборот аз ҳамсолону дӯстон, дигар шаҳрвандон;
- ахборот аз кормандони муассисаҳои таълимӣ;
- натиҷаи муоинаи тиббӣ аз тарафи кормандони тиббӣ мутахассисони соҳа;
- ахбороти иловагии дар рафти ташхиси психологӣ (аз тарафи психологи муассисаи таълимӣ) ва назорати кӯдак (аз тарафи кормандони муассиса) ҷамъовардашуда.

1.2. *Ба ошкор намудани аломатҳои муносибати бераҳмона нисбати омилҳои зерин* диққати махсус додан лозим аст:

- ноболиғоне, ки дар оилаҳои дар вазъияти мушкили ҳаётӣ ё бӯҳронӣ қарор доранд, дар хизматрасонии муассисаҳои ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ мебошанд/дар вазъиятҳои душвори ҳаётӣ ё дар ҳолати таҳдиди бевосита қарор доранд, зиндагӣ мекунанд;
- ноболиғоне, ки бо осебҳои бадан ба муассисаҳои тандурустӣ дохил шудаанд ё дар оилаҳое зиндагӣ мекунанд, ки дар муоинаи тиббию иҷтимоӣ қарор доранд;
- ноболиғоне, ки волидайнашон ба қайди мақомоти корҳои дохилӣ гирифта шудаанд;
- ноболиғони ба муассисаи таълимӣ раванда, ки мушкилоти таълиму рафтор доранд, бо сабабҳои ғайриузрнок ба дарсҳо намераванд, ё ноболиғони оилаҳои номусод. ки дар назорати дохилимактабӣ қарор доранд.

1.3. *Оид ба хусусиятҳои рафтори кӯдак* ва махсусан ба омилҳои зерин диққат додан муҳим аст:

– инкишофи рухӣ ва ҷисмонии кӯдак ба синнусолаш мувофиқ нест;

– дар ҳолатӣ беназорат ва чиркин қарор доштан ;

– рафтори тағйирёбанда зоҳир намудан: гузариш аз ҳолати оромӣ ба барангезиши ногаҳонӣ, ба мисли қаҳр, ғазаб, нооромии рухӣ (чунин рафтор аксаран сабаби вайроншавии муносибат бо дигар кӯдакон мегардад) – беҳавсалагӣ ё баръакс, агрессивияти кӯдак;

– ба мушкилии таълими рӯ ба рӯ гаштан;

– аз кашидани сару либос саркашӣ кардани кӯдак, бо мақсади доғҳои кабуд ва захмҳои баданашро пинҳон кунад;

– бадбинӣ ё эҳсосоти тарс нисбати падар ё модар; гиря кардан ё муддати дароз хомӯш нишастан ва аз ҷавоб додан ба саволҳо саркашӣ намудан;

– тарсидан ё аз садои ногаҳонӣ нороҳати зоҳир намудан ба монанди ҳодисаи дастафшонӣ, ногаҳон наздик шудани шахси калонсол, ҳаракатҳои якбора, ки ҳангоми онҳо кӯдак худро дарҳам мекашад ба мисли он, ки гӯё аз зарба метарсад;

– кӯшиши аз ҳад зиёд нисбати маъқулшуморӣ. меҳрубонии ҳар як шахси калонсол, ғамхории гипертрофишуда дар бораи ҳама чиз ва ҳама кас;

– намоиш додани рафтори «калосолона», шавқу ҳавас нисбати масъалаҳои шаҳвонӣ;

– волидон ё васиро ба расонидани осебҳо гунаҳкор намудани кӯдак;

– баҳоначӯи зиёди кӯдак, қаҳру ғазаб нишон додан ҳангоми бозӣ ё нисбати кӯдакони дигар (ҳангоми бо лухтак бозӣ кардан кӯдакон нақши волидайнашонро ҳангоми бозӣ овоздор ё такрор мекунанд);

– дар мактаб пинҳон намудани рӯзнома, фиреб, додани ҷавобҳои шадиди эмотсионалӣ ҳангоми танбеҳ ё баҳои бад гирифтан, тарси ба хона рафтан;

– ҳодисаҳои энурез, энкопрез (тар кардани ҷои хоб шабона) дар кӯдаки синни мактабӣ;

– кӯдак вақти зиёди худро дар оилаи шиносон, ҳамсинфон, ҳамсояҳо гузаронида, барои баъди мактаб ба хона рафтан кӯшиш намекунад.

Кормандони муассисаи таълимӣ бо кӯдакон тарзе муносибат намоянд, ки ба инкишофи эмотсионалию иҷтимоии онҳо мусоидат намояд: вазъиятҳои душвори оилавӣ (набудани яке аз волидон ё аз ҳам ҷудо шудани онҳо, алкоголро суиистеъмол намудани волидон, волидони руҳафтода, ҳодисаи худкушӣ дар оила, зӯроварӣ нисбати дигар аъзои оила ва ғайра), душвориҳои муошират ва муносибат бо ҳамсолону калонсолон (шӯрондан, фишороварӣ, талаботҳои зиёд, низоъҳои байнишахсиятӣ, таассуроти бо ҷудошавӣ дар муносибатҳои хайёлпарварона ва ғайра), мушкилоти рафтору стресси аз вазъияти нав пайдошуда пешгирӣ намоянд. Дар ҳолате ки агар дар кӯдакон аломатҳои зӯроварӣ ё агрессияро нисбати дигар тарбиягирандагони муассисаи таълимӣ/омӯзгорон зоҳир намоянд, психологи муассисаи таълимӣ ҳатман корҳои инфиродии баланд бардоштани устувории эмотсионалии кӯдакро нисбати омилҳои номусоид гузаронад (дар доираи ҷадвали кории худ), инчунин ба волидони кӯдак истифода бурдан аз хизматрасониҳои дигар мутахассисон/психотерапевтҳоро тавсия диҳад, ҳаматарафа барои пешгирии зӯроварӣ нисбати кӯдак тавассути бозифристонӣ (ҳангоми таҳдиди бевосита ба кӯдак ва бо мусоидати роҳбари муассиса) ба хадамотҳои махсуси муҳофизати ҳуқуқҳои кӯдак/мақомоти ҳифзи кӯдак кӯмак расонда.

1.4. *Хусусиятҳои рафтори калонсолон* (волидон ё васиёни) кӯдак, ки метавонанд дар бораи муносибати бераҳмона ё зӯроварӣ нисбати он шаҳодат диҳанд, бояд аз тарафи кормандони муассисаҳои таълимӣ таҳлил карда шаванд:

– дар суҳбат бо кӯдак волидон эҳтиёткорӣ ё бетарафӣ зоҳир менамоянд ;

– беасос дар мактаб набудани кӯдакон, таъхири беасоси муроҷиат намудани волидон ва кӯдак барои кӯмаки тиббӣ;

– волидон дар осебҳои бардошташуда кӯдакро гунаҳкор мекунанд;

– шарҳи ҳолати кӯдак бо ҷароҳатҳои ҷисмонии дар кӯдак мавҷудбуда ё нақли кӯдак мувофиқат намекунад;

– ихтилоф дар суҳбат оид ба кӯдак, оила, шавқу рағбати кӯдак, якҷоя вақтгузаронӣ ;

– волидон дӯстони кӯдак ва бо ки вақтгузаронии ӯро намедонанд;

– ба шикоятҳо оид ба рафтори писарашон (духтарашон) дар боғчаи бачагон, мактаб сард ё хеле бо ҳарорат ва пурҳассосият вокуниш нишон медиҳанд;

– аксаран кӯдакро аз як муассиса ба дигар мегузаронанд.

Барвақт ошкор намудани ҳодисаҳои муносибати бераҳмона нисбати ноболиғон ва ба кӯдакон расонидани кӯмаки маҷмӯӣ зарари саломатию инкишофи онҳоро кам менамояд, ба пешгирии ятимии иҷтимоӣ ва худкушиҳо дар байни ноболиғон мусоидат менамояд.

1.5. *Ҳангоми шубҳа намудани ҳодисаи зӯроварии содиршуда* нисбати кӯдак корманди муассисаи тиббӣ дар вазъияте, ки оиди ҳодисаи содир намудани зӯроварӣ нисбати кӯдак боварӣ нест (изҳои намоёни зӯроварӣ нестанд ва кӯдак инкор ё аз гуфтан саркашӣ мекунад) – барои хабар додан дар ин бора ба роҳбарият вазифадор аст, ки вай дар навбати худ мувофиқан захираҳои инсонии дар муассиса бударо барои фаҳмидани вазъи кӯдак ҷалб менамояд. Дар ҳолатҳои мазкур бояд психолог ё роҳбари синф/дигар шахси боваринок (одами калонсол) даъват карда шаванд, ки малакаҳои гузаронидани суҳбатро дар мавзӯи тасдиқ ё рад намудани ҳодисаи зӯроварӣро доранд ва ба мақсади муҳофизати кӯдак усулҳои фишороварӣро нисбати кӯдак истисно мекунанд. Психологи муассисаи таълимӣ барои доштани методикаи гузаронидани суҳбат бо кӯдакон ва баҳодиҳии хусусиятҳои фардию психологии шахсияти кӯдак барои ошкор намудани аломатҳои осеби психологӣ ва зӯроварӣ вазифадор аст, ҳамзамон вай бояд ҳамаи ҳуҷҷатҳоро бо дастрасии маҳдуд бодиққат нигоҳдорӣ намояд/баъдан барои бо талаби сохторҳои салоҳиятдори давлатӣ пешниҳод намудани онҳо омода бошад. Ҳангоми шубҳа намудани далели зӯроварии содиршуда (ҳар гуна шакл) нисбати кӯдакон корманди муассисаи тиббӣ роҳбари муассисаи тиббиро хабардор мекунад ва ахборотро ба *Регистри махсуси баҳисобгирии маълумотҳо оид ба кӯдакони аз зӯроварӣ дар оила ҷабрдида ё ба зӯроварии нисбати онҳо содиршуда гумонбар* дохил менамояд **(ниг. Замимаи 1**), ки дар дасти роҳбари муассиса нигоҳ дошта мешаванд. дар ҳолате ки агар барои ба даст овардани боварии ноболиғ вақти муайяне лозим бошад, корманди муассиса рафтори вайро назорат мекунад, тамоюлҳои мушоҳидашудаpo бошад ба Регистр дохил менамоянд. Ҳангоми набудани психолог дар воҳиди кории муассисаи таълимӣ роҳбар барои бозфиристонии ахбороти мавҷуда ба дигар ташкилотҳои давлатии барои муҳофизати кӯдак ваколатдор вобаста ба вазъият/эҳтиёҷоти кӯдак тавассути *Дархости* мувофиқ вазифадор аст **(ниг. Замимаи 2).** Ташкилотҳои ваколатдор минбаъд роҳ ёфтан ба оилаи кӯдакро (шароитҳои зиндагии ноболиғро меомӯзанд, бо оила иртибот пайдо мекунанд/бо волидон (ё намояндагони қонунӣ), хешовандони наздик суҳбат мекунанд) амалӣ мекунанд ё бо дигар шахсоне роҳ меёбанд, ки барои содир намудани зӯроварӣ нисбати кӯдак гумонбар шудаанд.

Роҳбари муассисаи таълимӣ ҳамчунин барои дохил намудани сабт дар Регистри мазкур *дар ҳолати ошкор намудани ҳодисаи зӯроварӣ нисбати кӯдак аз тарафи кормандони муассисаи мазкур* бо андешидани чораҳои тафтишоти хизматӣ ва додани муҷозоти интизомӣ мувофиқи қонунгузории амалкунанда вазифадор аст.

Дар ҳолати тафтишоти судӣ дар бораи содир намудани ҳар гуна шаклҳои зӯроварӣ нисбати тарбиятгирандаи муассисаи таълимӣ ва ба мақсади таъмин намудани дастрасӣ ба адолати судӣ роҳбар барои иштирок намудани психолог дар ҷаласаҳои судӣ мухолифат намекунад, агар шаҳодати вай ё ҳуҷҷат дар бораи ҳодисаи арзшудаи зӯроварӣ нисбати кӯдак зарур бошад. Ҳангоми зарурият, ба мақсади беҳтар намудани фазои оилавӣ ва ҳангоми муроҷиат намудани волидон барои хизматарсонии психологи муассисаҳои таълимӣ, чунин машваратдиҳиҳо метавонанд дар доираи фаъолияти психологи муассиса амалӣ карда шаванд.

## 2. Тартиби бақайдгирии ҳодисаҳои муайяншудаи зӯроварӣ, беэътиноӣ, истисмори меҳнати кӯдакон ё савдои кӯдакон ва ба онҳо вокуниш нишон додани кормандони муассисаҳои таълимӣ

2.1. Дар ҳолати далели **муайяншудани** зӯроварӣ нисбати кӯдак (ё шахси калонсол) ё будани асоси муътамади маълумот дар бораи он ки бо ноболиғ бераҳмона муносибат мекунанд, ҳамчунин ба таври зарурӣ ба тарбияи ӯ аҳамият надода, эҳтиёҷоти кӯдакро сарфи назар мекунанд, шаклҳои зӯроварии таъсир/зулми руҳиро истифода мебаранд, истсимор менамоянд ва ғайра, ки таҳдиди бевосита барои кӯдак/амалишавии манфиатҳои баландтарини кӯдак мебошад, роҳбар бояд:

- (ҳангоми мавҷуд будани изҳои зӯроварии ҷисмонӣ нисбати кӯдак): андешидани чораҳо бо назардошти синни кӯдак барои расонидани кӯмаки тиббӣ ба кӯдак (ҳангоми зарурият) ва таъмин намудани бехатарии фаврии кӯдак. Роҳбар бояд муоинаи кӯдакро аз тарафи корманди тиббии муассиса бо ҷалб намудани мақомоти тиббӣ судӣ, ки изҳои зарбулат ва дигар шаклҳои зӯроварии ҷисмониро ба қайд мегиранд (протокол таҳия мекунанд) ташкил намояд. Барои ҳамроҳӣ намудани кӯдак ба мақомоти тибби судӣ бояд ё яке аз волидони кӯдак (намояндагони қонуни вай), агар зӯроварӣ аз тарафи волидони кӯдак (намояндагони қонуни вай) ё аз тарафи кормандони муассисаи таълимӣ содир карда ушда бошад – намояндаи Комиссия оид ба ҳуқуқҳои кӯдак дар ҷойи истиқомати кӯдак (ё мақомоти васоят ва парасторӣ) ҷалб карда шаванд.

- роҳбари муассисаи давлатӣ барои фавран ба таври шифоҳӣ хабар додан (занг задан) ва баъди ин ба таври хаттӣ таҳия намудан ва бозфиристонии (дар давоми рӯз) иттилооти фаврии мавҷуда ба дигар ташкилотҳои давлатии мавҷудаи дар самти муҳофизати кӯдак ваколатдор вобаста ба вазъият/эҳтиёҷоти кӯдак тавассути *Дархости* мувофиқ вазифадор аст **(ниг. Замимаи 2).** Ин ташкилотҳои дигари ваколатдор минбаъд роҳ ёфтан ба оилаи кӯдакро (шароитҳои зиндагии ноболиғро меомӯзанд, бо оила иртибот пайдо мекунанд/бо волидон (ё намояндагони қонунӣ), хешовандони наздик суҳбат мекунанд) амалӣ мекунанд ё бо дигар шахсоне роҳ меёбанд, ки барои содир намудани зӯроварӣ нисбати кӯдак гумонбар шудаанд. Комиссия оид ба ҳуқуқҳои кӯдак/мақомоти васояту сарпарастӣ оид ба муҳофизати кӯдак, то худи аз оила гирифтани кӯдак мувофиқи қонунгузорӣ (додани кӯдак ба дигар волидон/хешованд/интернат) чораҳо меандешанд. Дар ҳолате ки агар маълум аст ё гумонбар мешавад, ки кӯдак қурбонии ҷиноят аст, роҳбари муассисаи таълимӣ ҳамчунин фавран бояд мақомоти маҳаллии корҳои дохилӣ ё мақомоти прокуратураро хабардор намояд. дар ҳолате ки агар дар маълумотномаи ҳодисаи гумонбаршаванда ахборот дар бораи истифодаи меҳнати кӯдакон дар шароитҳои вазнин, зараррасон ва/ё хатарноки меҳнат, инчунин дар корҳое, ки метавонанд ба саломатӣ зарар расонанд, бошад, ахборот ба Инспексияи давлатии меҳнат фиристода мешавад. Дар ҳолате ки агар далелҳои харидуфуруши кӯдакон, истисмори шаҳвонии онҳо, таҳдид ба ҳаёти онҳо/маҷбур намудан барои худкушӣ мавҷуд бошад – ахборот ба ВКД ҶТ (Маркази мубориза алайҳи харидуфуруши одамон) ё мақомоти прокуратура фиристода мешавад. Дар бораи ҳодисаҳои ошкоршудаи вайронкунии ҳуқуқҳои ноболиғон барои маълумот, меҳнат, истироҳат, манзил ва дигар ҳуқуқҳо, инчунин дар бораи камбудиҳои фаъолияти мақомоти муассисаҳое, ки барои пешгирии беназоратӣ ва қонунвайронкунии ноболиғон, фаъолият ё бефаъолияти шахсони мансабдор, волидон, шахсони онҳоро ивазкунанда, ки муҳофизати ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии кӯдаконро таъмин намекунанд, ахборот ба Комиссияи ҳуқуқҳои кӯдаки мақомоти маҳаллии иҷрои ҳокимияти давлатӣ фиристода мешавад. Роҳбари муассисаи таълимӣ бояд ба мақомоти васоят ва парасторӣ ҳамчунин оид ба ошкоркунии ноболиғоне хабар диҳад, ки бе парастории волидон ва дигар намояндагони қонунӣ мондаанд, ё дар вазъияте қарор доранд, ки ба ҳаёту саломатии онҳо таҳдид мекунанд инчунин ба тарбияи онҳо муқовимат мекунанд, инчунин ба мақомоти идоракунии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар бораи ошкор намудани ноболиғоне, ки ба кӯмаки

даввлат аз сабаби беназоратӣ ва бепарасторӣ ниёз доранд, инчунин дар бораи ошкор намудани оилаҳои дар вазъияти аз ҷиҳати иҷтимоӣ хатарнок/ҳолатҳои вазнини ҳаётӣ қарордошта иттилоот пешниҳод намоянд. Ҳангоми ошкор намудани ноболиғони ба кӯмаки давлат аз сабаби худсарона аз хонаи кӯдакон, мактаб-интернатҳо ва дигар муассисаҳои кӯдакона баромадарафта ё бесабабҳои муайян қатъ намудани дарсҳо дар муассисаҳои таълимии эҳтиёҷдошта роҳбари муассиса барои хабар додан ба мақомоти идоракунии маориф вазифадор аст. Дар ҳолати ошкор намудани ноболиғоне, ки дар вазъияти хатарноки иҷтимоӣ қарор доранд ба кӯмакрасонӣ дар муассисаҳои истироҳатӣ, фароғатӣ ниёз доранд, роҳбари муассисаи таълимӣ метавонад ба мақомоти кор бо ҷавонон ва варзиш хабар диҳад ё кӯмак пурсад. Дар ҳолатҳои зӯроварӣ, истифодаи ҳар гуна шаклҳои меҳнати кӯдакон аз тарафи кадрҳои педагогӣ ё дигар корманди муассисаи таълимӣ мақомоти маҳаллии ҳифзи ҳуқуқро огоҳ менамояд, инчунин ба Раёсати вилоятӣ/ноҳиявии маориф хабар медиҳад, ки дар навбати худ ВМваИ ҶТ-ро хабардор менамояд.

- роҳбари муассисаи таълимӣ вазифадор аст, ки ахборот оид ба ҳодисаи арзшудаи зӯроварӣ нисбати кӯдак ба *Регистри баҳисобгирии маълумотҳо дар бораи кӯдакони аз зӯроварӣ дар оила ҷабрдида ё ба нисбати онҳо зӯроварӣ содиршуда гумонбар* **(ниг. Замимаи 1**) дохил карда шавад ва Регистр дар сейфи муассиса нигоҳдори карда шавад. Роҳбари муассисаи таълимӣ ба ҳамаи кормандони ба ҳодиса дахлдори муассиса оид ба вазифаи нигоҳдории махфияти ахбороти дорои хусусияти шахсии кӯдак (ба истсинои ҳолатҳое, ки агар ин ахборотро мақомоти ҳифзи ҳуқуқ талаб кунанд) ва дар бораи ҷавобгарии онҳо барои фош намудани сирри касбӣ бо тартиби пешбининамудаи қонунгузории ҶТ хабар медиҳад;

2.2. Ҳар корманди муассисаи таълимӣ, ки дар бораи ҳодисаи зӯроварӣ, беэътиноӣ, истисмор, харидуфурӯш маълумот дорад барои дахолат намудан ба мақсади пешгирии он ё кӯмак талаб намудан дар ҳолате ки дахолати мустақилона номумкин бошад бо ҷалби роҳбари муассисаи таълимӣ вазифадор аст.

2.3. Ба мақсади муҳофизати ҳуқуқу манфиатҳои ноболиғи аз зӯроварӣ дар оила ҷабрдида ва бо дархости мақомоти маҳаллии иҷроияи ҳокимияти давлатӣ психолог ё педагоги муассисаи таълимӣ метавонад барои иштирок дар ҷаласаҳои Гурӯҳи кории байниидоравӣ оид ба пешгирӣ намудани зӯроварӣ дар оила ҷалб/даъват карда шавад, ки якҷоя бо кормандони муассисаҳои дигар нақшаи фардии кӯмак ба ҷабрдидагони зӯроварӣ, аз ҷумла кӯдаки ҷабрдида таҳия намоянд. Дар чунин ҳолатҳо корманди муассисаи таълимӣ он ваколатҳоеро иҷро менамояд, ки то ин дам ба зиммаи вай дар доираи фаъолияташ ва дар доираи вазифаҳои хидматии иҷрокунанда вогузор карда шуда буданд. Масалан, психолог метавонад мониторинги ҳолати психологии кӯдаки тарбиятгирандаи муассисаи таълимиро гузаронад, барои солимгардонии фазои муассисаи таълимӣ мусоидат намояд (гар дар бораи ҳодисаи зӯроварӣ дар он ҷо маълум шуда бошад ё агар зӯроварӣ дар муассисаи таълим содир шуда бошад), бо волидони тарбиягирандагон суҳбатҳои огоҳонӣ ва пещгирикунанда (профилактикӣ) гузаронад, барои нашр намудани гӯшаҳои иттилоотӣ мавзӯӣ/овезаҳо дар муассисаи таълимӣ ва ғайра муосидат намояд.

Педагогҳо бояд муносибати кӯдакро бо ҳамсолон ва ҳамсабақашонаш ҳангоми дарс ва танаффус назорат намоянд. Ташкил намудани амалҳои таълимӣ дар гурӯҳҳои хурд, фардикунонии раванди таълим, баррасӣ намудани мавзӯъҳо бо таҳмили баланди эмотсионалӣ, пешниҳод намудани супоришҳо аз рӯи интихоб, муқаррар намудани қоидаҳои кор ва муошират дар синф ва ғайра усулҳое мебошанд, ки ҳангоми амалӣ намудани он кӯдаки зӯроварирo таҳаммулкарда метавонад дастгирӣ ва эҳсоси муҳофизатро дарёфт намояд.

Зӯроварӣ метавонад дастовардҳои таълимии кӯдакро паст намояд. Педагогҳо бо кӯмаки психолог бояд талаботи барономаи таълимиро тарзе мутобиқ намоянд, ки фазои бехатареро таъмин намоянд, ки дар он кӯдак худро қабулшуда, фаҳмидашуда, муҳофизатшуда, ба фаъолияти фоиданок ҷалбшуда эҳсос намояд ва неруи худро дуруст тақсим карда ба натиҷаҳои дилхоҳ расида тавонад.

2.4. Роҳбари муассисаи таълимӣ бо талаби мақомоти тафтишоти шахси боваринокро (аз кормандони муассисаи таълимӣ) барои кӯмак расонидан ба кӯдак дар доираи тартиботи қонунӣ таъин намояд; бо талаби мақомоти васоят ҳуҷҷатҳои кӯдакро дар ҳолати истифода бурдани ягон шакли муҳофизат/чораҳои фаврии муҳофизати кӯдак барои ба дигар муассисаи таълимӣ гузаронидан диҳад, ки маънои иваз намудани ҷойи истиқомати кӯдакро дорад.

2.5. Роҳбари муассисаи таълимӣ барои хабар додан ба волидон/шахси кӯдакро нигоҳубинкунанда дар бораи ҳодисаи зӯроварие, ки дар он кӯдак дахлдор аст ё дар бораи чораҳои андешидашуда нисбати таъмини бехатарии кӯдак (ки ҳатто бе мавҷуд будани ризоияти волидон/васиён андешида мешаванд) вазифадор аст. Дар ҳолатҳои содир шудани зӯроварӣ дар оила ва ба мақсади таъмин намудани бехатарии кӯдак Комиссияи ҳуқуқҳои кӯдаки мақомоти маҳаллии иҷроияи ҳокимият хабардор карда шавад.

2.6. Кормандони муассисаи таълимие, ки дар бораи он медонанд, ки роҳбар муассисаҳои салоҳиятдори соҳаи муҳофизати кӯдакро дар бораи ҳодисаи боиси гумонбарӣ ба зӯроварӣ, беэътиноӣ, истисмор, харидуфуруш хабардор намудааст, ин ҳодисаро ба волидон, васиён/шахси нигоҳубинкунандаи кӯдаки ба содир намудани амалҳои зӯроварона гумонбар фош намекунанд/хабар намедиҳанд, то даме ки бехатарии кӯдак аз тарафи сохторҳои ваколатдоре кафолат дода нашавад, ки кӯдак ба он ҷо фиристода шудааст. Қадами аввале, ки кормандони муассисаи таълимӣ дар муошират бо кӯдаки ҷабрдида мегузоранд –барои вай фароҳам овардани муҳити бехатар мебошад. Ҷабрдидагони зӯроварӣ ба дастгирӣ барои бартараф намудани таассуротҳои эмотсионалии бо ҳодиса алоқаманд, ба таҳкими худэҳтиромкунӣ, ба инкишофи малакаҳои ҳамкорӣ ва муқовимат ба фишороварӣ эҳтиёҷ доранд. Нақши психологи мактабӣ дар расонидани кӯмаки эмотсионалӣ ва машваратдиҳии педагогҳо оид ба масъалаҳои амалӣ намудани амалҳои зарурии кӯмакрасонӣ ба кӯдак хеле муҳим аст.

2.7. Кормандони ёрирасонии муассисаи таълимӣ (китобдор. ҳамшираи тиббӣ, корманди техникӣ, посбон, ошпаз, дуредгар, мудири хоҷагӣ, челонгар, кормандони лагерҳои истироҳатӣ ва ғайра) низ ба доираи чунин кӯдакон муносибати солим ва боэҳтиромро бояд дар чунин шакл ба роҳ монанд:

– фавран ба роҳбари муассиса дар бораи ҳар гуна ҳодисаи эҳтимолӣ ё тасдиқшудаи зӯроварӣ, беэътиноӣ, истисмор ё харидуфуруши кӯдак аз тарафи ҳамсолон ё калонсолон хабар диҳанд;

– ҳодисаи зӯроварӣ ва беэътиноӣ нисбати кӯдакро сари вақт боздошта ва дар ҳолати мустақилона дахлолат кардан натавонистан барои кӯмак муроҷиат намоянд;

– назорати ҳуҷраҳои муассисаро таъмин менамоянд, масалан, дар даромадгоҳи асосӣ ё дар ошёнаҳо ва ғайра, ҳангоми/дар раванди таълиму тарбиявӣ дар доираи муассисаи таълимӣ (фосилаи мувақатӣ мувофиқи реҷаи фаъолияти муассиса гузаронида мешавад).

2.8. Кӯдакони ба ҳодисаи зӯроварӣ дар муҳити мактабҳо/интернатҳо/хобгоҳҳо барои ноболиғон дучоршударо фавран аз минтақаи низоъ дур бурдан лозим аст, яке аз кормандони муассиса бояд онҳоро барои ошкор намудани тафсилот ва ҳодисаи рӯйдода пурсиш намояд. Ахбороте, ки дар асоси он қарор дар доираи ҳодисаи мушаххас қабул карда мешавад, бояд асоснок ва қотеъона бошад. Муҳим аст, ки дар ҳолати зӯроварӣ педагогҳо ҳолатеро ошкор намоянд, омӯзанд, ки ҳодисаро ба вуҷуд овардааст, онро ҳал намоянд ва дар ҳолати зарурӣ мувофиқи тартиботи муассиса ҳодисаи зӯровариро байни хонандагон таҳлил намоянд (занозанӣ, зарбарасонӣ, теладиҳӣ, таҳдид/азиятдиҳӣ, тарсонидан ва ғайра). Ҳам ҷабрдидагон ва ҳам содиркунандагони зӯроварӣ бояд огоҳии қатъӣ гиранд, зеро дар муассисаи таълимӣ ягон шакли зӯроварӣ қобили қабул нест. Волидон/васёни ҳамаи кӯдакони ба ҳодисаи зӯроварӣ ҷалбщуда бояд дар бораи ин ҳодиса ва дар бораи ҳама чизи ба стратегияи муассиса оид ба кӯмак расонидан ба кӯдаки ҷабрдида ва чораҳои тарбиявӣ (рафтори ислоҳкунандаи кӯдакон-зӯроварон), инчунин тавсияи психолог оид ба гузаронидани суҳбатҳо байни волидон ва кӯдак (ки истифода бурдани ҳар гуна шаклҳои зӯровариро ҳамчун ҷазодиҳӣ ба кӯдак истисно мекунанд) хабардор карда шаванд. Кӯдаки шакли вазнини зӯровариро таҳаммулнамуда бояд дар шакли дастрас аз тарафи корманди муассисаи таълимӣ, ки бо вай кӯдак муносибати боваринок дорад, дар бораи амалҳое хабардор карда шавад, ки барои ба вай кӯмак ва муҳофизат расонидан андешида шудаанд ё андешида мешаванд.

2.9. Дар ҳолате ки агар ба корманди муассисаи таълимӣ ахборот дар бораи ниятҳо ё кӯшишҳои кӯдак барои худкушӣ маълум гардад ва баъди андешидани чораҳои фаврии пешгирӣ намудани он тавассути хабардор намудани сохторҳои салоҳиятдор, барои таъмин намудани бехатарии кӯдак муассисаи таълимӣ вазъияти бухрониро дар доираи салоҳиятҳои маҳдудкардашудаи худ назорат намояд:

– фароҳам овардани фазои хайрхоҳона ва ғамхорона дар атрофи наздикони кӯдак, ки ба қонеъ намудани эҳтиёҷоти эмотсионалии вай равона шудаанд, машваратдиҳӣ ба ҷанбаҳои идоракунии эҳсосот, ошкор намудани кӯдаконе, ки ба дараҷаи зиёдтар гирифтори таъсири вазъият мебошанд (дӯстон, хешовандони ҷабрдида) ва ба онҳо расонидани кӯмаки психологӣ; фароҳам овардани фазои солим дар муассисаи таълимӣ (ба мақсади роҳ надодан ба овозаву ҷаллобӣ); муоширати конструктивӣ бо хонандагон ва волидон (бе равонакунии диққат

ба ҳодисаҳои мушаххас ё тарбиятгирандагони алоҳидаи мактаб/бе фош намудани ахбороти махфӣ ва эҳсосотӣ);

– ба баланд бардоштани дараҷаи дарк намудани волидон нисбати рафтори худмаҳвкунандаи наврасон ва падидаҳои худкушии кӯдакон тавассути пурзӯр намудани имкониятҳои онҳо бо стратегияву усулҳои тарбияи кӯдакон, ки ба муоширaт, риоя намудани ҳуқуқҳо ва қонеъ намудани ҳамаи талаботи кӯдакон, махсусан, рӯҳию эмотсионалӣ ва истифодаи бехатари шабакаҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла Интернет аз тарафи онҳо/таҳти назорати волидон асоснокшуда мусоидат менамояд.

## 3. Тартиби ташкили институтсионалии фаъолияти пешгирӣ намудани ҳодисаҳои зӯроварӣ, беэътиноӣ, истисмор ва худфурӯшии кӯдакон

**3.1.** Роҳбарони муассисаҳои таълимӣ вазифадоранд:

– ҳарсола муқаррароти Дастурамали мазкурро ба самъи кормандон расонанд;

– кормандон ба Регистр дохил намудани сабтҳо оид ба ҳодисаҳои арзшуда ё гумонбаршудаи зӯроварӣ нисбати кӯдакон ва варақаҳои хизматии намунавӣ барои дархостҳо/бозфиристонии чунин ҳодисаҳо ба муассисаҳои салоҳиятдори давлатӣ/сохторҳои муҳофизати ҳуқуқи кӯдакон, ҳисоботҳо ва дигар маълумотҳо, аз ҷумла саволҳои дидактикӣ ва методологии ҷанбаҳои тарбиявию таълимӣ дошта оид ба пешгирии зӯроварӣ нисбати кӯдаконро иҷозат медиҳад;

– дар муқаррароти фаъолият, созишномаҳои меҳнатӣ ва дастурамалҳои вазифавӣ сабт намудани уҳдадории хабар додан оид ба зӯроварӣ ва беэътиноӣ нисбати кӯдакон;

– ба регламенти (тартиби) фаъолияти муассиса дохил намудани муқаррарот оид ба пешгирӣ ва дахолат намудан ба ҳодисаҳои зӯроварӣ нисбати кӯдакон, ки барои баланд бардоштани масъулият ва фаҳмиши бештари нақшу вазифаҳои коллективӣ ва омӯзгорон (ё тарбиягирандагони интернат) мусоидат менамоянд.

– ҳамкории байни педагогҳо, психологи мактаб ва роҳбарияти муассиса оид ба вазъияти кӯдаки аз зӯроварӣ ҷабрдида (ба сифати ҷабрдида, содиркунанда, шоҳид) ва барои ҳамоҳангсозии фаъолият ва қабул намудани стратегияи ягонаи фаъолият зарур буда, дар асоси муносибати фардӣ ба ҳар як ҳодиса амалӣ карда мешаванд, мусоидат намояд.

– ба ҳар як ахборот оид ба зӯроварӣ нисбати кӯдакон/ҳар як пешниҳоди кормандони муассисаи таълимӣ, ки бо ногузирии сар задани ҳодисаи хатари зӯроварӣ нисбати кӯдак дар муассиса ва берун аз он алоқаманданд, бодиққат муносибат намояд ва ҳангоми зарурият - бо роҳбари синф/роҳбари гурӯҳ/дигар кормандони муассисаи таълимӣ муҳокима намояд, то ин ки сари вақт чораҳои паст намудани таъсири омили хатар ва кор бо аломатҳои аввалин тарзе андешида шаванд, ки омилҳои зӯроварӣ нисбати кӯдакро истисно намоянд.

– ташкил намудани фаъолияти иттилоотдиҳӣ ба кӯдакон ва волидон, шахсони кӯдаконро нигоҳубинкунанда, аъзоёни ҷомеа оид ба тартиби огоҳкунии ҳодисаҳои шубҳаовар нисбати зӯроварӣ, беэътиноӣ, истисмор ва харидуфурӯши кӯдакон, инчунин заминаи қонунгузории соҳаи мазкурро дастгирӣ намояд;

– мониторинги истифодаи Дастурамалро амалӣ намояд;

– назорати кӯдаконро дар ошхона, хобгоҳҳо ва дигар ҳуҷраҳои муассиса, равуои кӯдаконро дар роҳравҳо, мувофиқи барнома ва гурӯҳҳои хонандагон ва мувофиқи реҷаи муассисаҳои статсионарии кӯдакон барои пешгирӣ намудани тарсонидани кӯдакони хурдсол аз тарафи кӯдакони калонсол ва дигар воқеаҳои дорои хусусиятҳои зӯровариро, ки метавонанд байни кӯдакон ба амал оянд, таъмин намояд.

**3.2.** *Регламенти (тартиботи) муассисаи таълимӣ* муқаррароти зерини таъмин намудани муҳофизати кӯдакон/тарбиятгирандагонро аз ҳар гуна шакли зӯроварӣ меъёрҳои зеринро дар бар мегирад:

– кормандони муассисаи таълимӣ дар бораи ҳодисаи зӯроварӣ, беэътиноӣ, истисмор ва харидуфурӯши кӯдакон ахборот доранд, барои дахолат кардан вазифадоранд, то ин ки онро боз доранд ё дар ҳолати мустақилона дахолат карда натавонистан барои кӯмак муроҷиат намоянд;

– кормандони муассисаи таълимӣ барои фавран хабар додан оид ба ҳодисаҳои эҳтимолӣ ё тасдиқшудаи зӯроварӣ, беэътиноӣ, истисмор ва харидуфурӯши кӯдакон ба роҳбари синф/роҳбари гурӯҳ ё директори муассиса вазифадоранд.

– роҳбари муассисаи таълимӣ барои ба таври шифоҳӣ хабар додан (занг задан) ва баъди ин ба таври хаттӣ таҳия намудан ва фиристодани (дар давоми рӯз) ахбороти мавҷудаи ташкилотҳои масъул даврии барои муҳофизати кӯдак ваколатдор вобаста ба вазъият/эҳтиёҷоти кӯдак тавассути *Дархост* **(ниг. Замимаи 2)**, инчунин таъмин намудани мавҷудият, пур кардан ва нигоҳдории

*Регистри баҳисобгирии маълумотҳо дар бораи кӯдакони аз зӯроварӣ дар оила ҷабрдида ё ба нисбати онҳо зӯроварӣ содиршуда гумонбар* **(ниг. Замимаи 1***)* вазифадор аст.

Ҳодисаҳои зӯроварӣ ва беъэтиноии дар муассисаи таълимӣ содиршуда омӯхта мешавад аз тарафи Комиссияи махсуси муваққатан ташкилшуда, ки бо супориши роҳбари муассиса (ё дар ҳолати содиршавии зӯроварӣ аз тарафи педагогҳо - аз тарафи мақомоти идоракунии маорифи назди мақомоти маҳалли ҳокимияти иҷроия) ташкил карда мешавад. Вазифаҳои чунин Комиссияи дохилимактабӣ аз инҳо иборатанд:

- омӯзиши ҳодисаҳои зӯроварии сабук нисбати кӯдакон (ҳодисаҳои сабӯки зӯроварии эмотсионалӣ, теладиҳӣ, шакли сабӯки беэътиноӣ), ки содиркунандаи онҳо ҳам кӯдакон ва ҳам калонсолон, аз ҷумла педагогҳо ва кормандони ёрирасонии муассисаи таълимӣ мебошанд;
- таъмин намудани дастгирии педагогҳо дар омӯзиши зӯроварӣ ва беэътиноӣ нисбати кӯдакон ва ҳал намудани ҳодиса ва паст намудани шиддати зӯроварӣ ;
- кӯмак расонидан ба кӯдакони ба ҳолати зӯроварӣ гирифторшуда, омухтани рафтори зӯроварона ва оқибатҳои он барои рушду инкишофи шахсии одамони дигар;
- дар хонандагон ҳосил намудани боварӣ ба он, ки бо онҳо дар мактаб ва берун аз он чӣ ҳодисае рӯй надиҳад, шахсону сохторҳое мавҷуданд, ки онҳо метавонанд мурочиат намоянд ва мувофиқи қонунгузории амалкунанда вокуниш намоянд;
- пешниҳод намудани тавсияҳои маъмурияти муассиса оид ба инкишофи салоҳиятҳои касбии кормандони педагогӣ ва кормандони техникӣ оид ба ҷанбаҳои умумии пешгирӣ намудани зӯроварӣ нисбати кӯдакон ё таъмин намудани фазои бехатар дар муассисаи таълимӣ.

– регламенти (тартиботи) муассиса муқаррароти дақиқеро дар бар мегирад, ки дар рафтор ва муносибати барои ҳамаи хонандагон/тарбиятгирандагони муассисаи таълимӣ, аз ҷумла, зинаи ибтидоӣ нисбати рафтор дар муассисаи таълимӣ баён шудаанд (масалан, ҳар гуна падидаҳои зӯроварӣ аз тарафи кӯдакон, волидони онҳо ва педагогҳо манъ карда шудаанд).

– чорабиниҳои берунимактабӣ бо ҷалб намудани Кумитаи падару модарон, ки шахсонеро намоянда таъин менамояд, ки барои таъмин намудани муҳофизату бехатарии кӯдакон дар рафти тамоми чорабинии дар муассисаи таълимӣ ҷойдошта ва дар рафти тамоми давраи гузаронидани чорабинӣ масъуланд, инчунин

иттилоотдиҳӣ ба волидон оид ба вақти итмоми чорабинӣ барои интиқолдиҳии бехатари онҳо ба хона ташкил карда шаванд.

– муассисаи таълимӣ дафтари бақайдгирии ҳаррӯзаи шахсони ташрифоварандаро бо нишон додани ному насаби шахси ташрифоварда, вақти омадану рафтанашро ташкил менамояд. Ҳангоми ба муассисаи таълимӣ ташриф овардани шахсони бегона кормандон бояд ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсияти вайро талаб кунанд ва баъди бақайдгирӣ дар дафтари ташрифот нишона бо сабти «Шахси ташрифоварда»-ро диҳанд. Ташкил намудани назорати доимӣ дар биноҳои таълимӣ/боғчаи бачагон ҳангоми дарс ва танаффус барои пешгирии ҳар гуна ҳодисаҳо ва вазъиятҳои номатлуб қобили қабул шуморида мешавад.

– роҳбарони мактаб-интернатҳо бояд тариботу бехатарии кӯдаконро дар хобгоҳҳои муассисаи таълимӣ, аз ҷумла шабона таъмин намоянд.

– аз рӯи далели содир намудани авбошӣ ё кӯшиш содир намудани амалҳои зиддиҷамъиятии рафтор дар доираи муассисаи таълимӣ бо иштироки шахсони ношинос ё волидони кӯдакон кормандони муассисаи таълимӣ метавонанд фавран ба шуъбаи маҳаллии милитсия занг зананд;

– шахсоне (намояндагони хадамотҳои гуногун, шахсони воқеӣ, шахсони расмӣ ва ғайр), ки ба муассисаи таълимӣ барои муоширати бевосита бо хонандагон ворид мегарданд, дар бораи сиёсати муҳофизати кӯдак, аз ҷумла муҳофизати маълумотҳои шахсӣ хабардор карда мешаванд.

Регламент ҳамчунин бояд *фаъолият ва омилҳои, ки барои* тезутунд намудани вазъияти низоъ дар доираи муассисаи таълимӣ ва истифодаи шаклҳои зӯроваронаи рафтор нисбати кӯдакон мусоидат менамоянд:

– овезон намудан, муҳокима ва паҳн намудани маълумотҳои шахсии кормандон ва оилаи онҳо;

– дастрасии кӯдакон ва шахсони ғайр ба маълумотҳои шахсии хонандагон, аз ҷумла Регистрҳо, махзани маълумотҳо, парвандаҳои шахсӣ ва ғайра;

– ҷалб намудани кӯдакон ба минтақаи назоратшавандаи мактаб ба мақсади таъмини тартибот ва интизом ҳангоми дарс ва берун аз он ;

– таълим додани фанҳои мактабӣ, гузаронидани чорабиниҳои берунимактабӣ ва назорати хонандагон аз тарафи дигар хонандагон ё кормандони муассисаи таълимӣ ҳангоми ҳузур надоштани омӯзгорон;

– истифода бурдани амалҳое, ки шарафи инсониро поймол мекунанд ва ба муқарароти санадҳо/қонунгузории соҳаи ҳуқуқҳои инсон

– кӯдак мухолиф мебошанд.

## 3.3. Барои истифодаи кӯдакон пешниҳод намудани воситаҳои додани шикоятҳо/ахборотҳо оид ба ҳодисаҳои зӯроварӣ, беэътиноӣ, истисмор, хариди кӯдакон

Кӯдакон, наврасон ва ҷавонписарон/духтарон бояд донанд, ки ҳангоми нисбати онҳо содир шудани зӯроварӣ дар ҳолатҳои беэътиноӣ, истисмор, харидуфурӯш ба кӣ муроҷиат карда метавонанд - ба роҳбари синф, психолог, директори муассисаи таълимӣ ва ташкилотҳои маҳаллӣ/хадамотҳое, ки ба онҳо муроҷиат карда метавонанд. Дастрасии ҳамаи кӯдаконро ба нишонӣ ва рақамҳои телефони хадамотҳои мувофиқ таъмин намудан лозим аст.

Ташкил намудани чорабиниҳои иттилоотдиҳии хонандагон аз тарафи кормандони педагогӣ ва психологи мактаб оид ба муҳимияти ба яке аз калонсолони муассиса хабардодани хатарҳое, ки ки онҳо дар муассисаи таълимӣ ва берун аз он, дар бораи низоҳое, ки онҳо мустақилона ҳал карда наметавонанд, оид ба ҳузур доштан ҳангоми ҳодисаи зӯроварӣ, тарсондан/азиятдиҳӣ ва дигар мушкилотҳое, ки хатари пайдо шудани зӯроварииро доранд, хеле муҳим аст. Барои дар амал татбиқ намудани гуфтаҳои боло зарур аст, ки байни хонандагону кормандони муассисаи муносибати боваринок вуҷуд дошта бошад, то ин ки хонандагон ба он эътимод дошта бошанд, ки онҳоро мешунаванд, ба онҳо бовар мекунанд ва ҷиддӣ қабул мекунанд, ҳамаи ҳодисаҳо холисона тафтиш карда мешаванд ва агар онҳо дар бораи чунин ҳодисаҳо хабар диҳанд, пеши роҳи холатҳои хатарнок ва манфӣ сари вақт гирифта мешавад.

– Хонандагон бояд донанд, ки метавонанд *шифоҳӣ, бевосита ё тариқи телефон, ё ба таври хаттӣ*, нисбати ҳаракатҳои тарсонидан, зӯроварии шифоҳӣ ё ҷисмониро аз тарафи ҳамсолон ё калонсолон мебошанд, ба роҳбари синф, ба дигар омӯзгоре, ки боварӣ доранд, психолог, сарпарасти гурӯҳ ё роҳбари муассисаи таълимӣ муроҷиат намоянд. Хабар додан оид ба ҳодисаҳои зӯроварӣ ҳангоми дарс, ҳамчунин ҳангоми танаффус, чорабиниҳои дар муассисаи таълимӣ ва берун аз он ташкилкардашуда мумкин аст.

– Дар байни воситаҳои хабардиҳии тавсияшаванда, ки бояд барои кӯдакон пешниҳод карда мешаванд, инҳоро ҷудо намудан мумкин аст:

- қуттӣ барои мактубҳои беном ;
- пурсишномаҳои беном оид ба муҳити мактаб, муносибат бо омӯзгорон ва хонандагони дигар, мушкилоте, ки дар муассисаи таълимӣ, оила ё муҳити дигар рӯ ба рӯ мешаванд;
- барангезиш ва дастгирии гурӯҳи ташаббускори кӯдакону ҷавонони дар доираи мактаб/интернат амалкунанда, ки тавассути муошрати баробар бо ҳамкорон метавонанд ахборотро дар бораи дар ҳаёти онҳо мавҷуд будани вазъиятҳои душвору зӯроварона ҷамъоварӣ намоянд. Хонандагони синфҳои болоӣ, ки ба фаъолияти волонтёрӣ ҷалб шуда, дар масъалаҳои ҳуқуқҳои кӯдак ва хадамотҳои махсус омодагӣ доранд, барои муҳофизати он масъуланд, ҳамчунин метавонанд ҳамкорони худро дар бораи он хабардор намоянд, ки ба кадом мутахассисон онҳо муроҷиат карда метавонанд ва ин муроҷиатҳоро қадрдонӣ намоянд, махсусан дар ҳолати пешомадани хатари зиёд;
- нишонии почтаи электронӣ, рақами телефони мобилӣ (барои зангзанӣ ва смс), ки махсус барои хабар додан оид ба ҳодисаҳои зӯроварӣ, махсусан дар ҳолатҳое, ки кӯдакон мехоҳанд дар ин бора махфиёна хабар диҳанд, пешбинӣ шудаанд.
- ҳангоми зарурият, роҳбари муассиса (ва таҳти роҳбарии худ) дар доираи муассисаи таълимӣ Комиссияи махсусро даъват менамояд (аз зумраи омӯзгорону психолог), ки шикоят/хабарҳои арзшударо оид ба ҳодисаҳои зӯроварӣ, беътиноӣ, истисмор ва харидуфурӯши кӯдакон таҳлил менамоянд. Фаъолияти Комиссия набояд бюрократӣ бошаду ба раванди вокуниши фаврӣ нисбати кӯдак ва барои амалӣ шудани раванди муътадили таълиму тарбия мувофиқи ҷадвали штатҳои муассисаи таълимӣ , монеъ гардад.

– Кӯдакон бояд тартиби *таҳлил ва вокуниш ба шикояти онҳоро донанд* (кӣ ахборотро ҷамъ меоварад, қутии дорои мактубҳо чанд маротиба кушода мешавад (ҳаррӯза кушодани онҳо тавсия дода мешавад), кӣ ва чӣ тавр ахбороти пурсишномаҳоро таҳлил менамояд, ин маълумотҳо дар куҷо нигоҳ дошта мешаванд ва кӣ ба онҳо дастрасӣ дорад, дар кадом ҳолатҳо оид ба ҳодисаҳои зӯроварӣ ба волидон/дигар мақомот хабар дода мешавад ва ғайра. Ҳамаи ҳодисаҳои зӯроварии хабардодаи кӯдакон бояд аз тарафи Комиссия омӯхта шаванд, нисбати инкишофи минбаъдаи онҳо бояд *мониторинг* гузаронида шавад. Муҳим аст, ки ахбороти воридшуда ҳар чи зудтар мавриди баррасӣ қарор гирифта аз ва натиҷаи он масъулин хабардор карда шаванд.

## 3.4. Ваколати шуъбаҳои вилоятӣ/ноҳиявии маориф оид ба ҳамоҳангсозии фаъолияти муассисаҳои таълимӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ нисбати кӯдакон

Роҳбарони раёсат/шуъбаҳои маориф барои иҷрои фаъолиятҳои зерин масъул мебошанд:

-сари вақт баррасӣ намудани иттиллооти директорон ва мудирони қисми таълимии муассисаҳои умумитаълимӣ ва дигар муассисаҳои таълимӣ/тарбиявӣ оид ба истифода бурдани Дастурамали мазкур ва замимаҳои он;

- расонидани кӯмаки методӣ ба роҳбарои муассисаҳои таълимӣ оид ба рушди малакаҳои онҳо доир ба вокуниш ва ҳуҷҷатнигории ҳодисаҳои зӯроварӣ нисбати кӯдакон ва гузаронидани мониторинги воқеаҳои арзшуда оид ба зӯроварии содиршуда;

- таъмин кардани иҷрои санадҳои меъёрии муассисаҳои таълимию тарбиявӣ бо бандҳое, ки кормандонро барои вокуниш нишон додан (мувофиқи Дастурамалҳо) ба ҳодисаҳои зӯроварӣ нисбати кӯдакон ва ҷавобгарӣ барои пинҳон намудани далелҳои зӯроварӣ нисбати кӯдакон вазифадор менамояд;

- дар ҳар шаш моҳ пешниҳод намудани ҳисобот ба мақомоти болоӣ оид ба ҳодисаҳои ошкоршуда ва бозфиристодашудаи зӯроварӣ нисбати кӯдакон;

- гузаронидани мониторинги доимӣ дар муассисаҳои таълимию тарбиявӣ ба мақсади таъмин намудани татбиқи муқаррароти Дастурамали мазкур ва маълумотномаи шахсони масъули ВМваИ оид ба далели камбудиҳои ошкоршуда;

- барои кормандони муассисаҳои таълимӣ (новобаста аз шаклу моликияти ташкилию ҳуқуқии онҳо) ҷиҳати иштироки онҳо дар такмили ихтисос оид ба мавзӯи пешгирии зӯроварӣ нисбати кӯдакон, дар доираи модулҳои махсуси мавзӯии таълим, ки аз тарафи ВМваИ ба тавсиб расонида шудааст;

## 3.5. Рушди иқтидор ва иттилооти кормандони муассисаҳои таълимӣ

Барои татбиқи барномаи пешгирии даврии зӯроварӣ нисбати кӯдакон муассисаҳои таълими маъсули иттилоотдиҳӣ ва тайёркунии кормандони муассисаҳои таълимӣ дар соҳа мебошад. Раванди омодакуниро ба таълими директорҳо, мудирони қисми таълимӣ/тарбиявӣ, ташкилотчиёни корҳои тарбиявӣ ва берун аз синфӣ, муовинони директор оид ба таълим, психологҳои мактабҳо оғоз намудан тавсия дода мешавад, ки дар навбати худ иттилоотро

то роҳбарони синфҳо/сарпарастони интернатҳо мерасонанд. Ташаккули малакаҳои муносибати ғайризӯроварона ва ба таври мусбат ба роҳ мондани муносибатҳо вазифаи ҳамаи кадрҳои педагогии муассисаи таълимӣ мебошад.

Кадрҳои педагогӣ ба инкишофи *малакаҳои зерини* ошкор намудани ҳодисаҳои зӯроварӣ нисбати кӯдакон ва вокуниш ба онҳо масъуланд:

– таҳлили омилҳое, ки ба пайдоиши муҳити зӯроварӣ дар мактаб/интернат/боғчаи бачагон ва муайян намудани натиҷаи таъсири онҳо ба кӯдак, таъсир мерасонанд. Таҳлили омилҳои мусоидаткунанда ба нисбати кӯдакон дар оила ва дигари онҳо (масалан, рушди нокифояи малакаҳои ҳамкорӣ, идоракунии қаҳру ғазаб, таҳаммулпазирии паст нисбати вазъиятҳои пайдошуда ва ғайра);

– шиносоӣ ба вазъияти вазъияти мактаб оид ба омилҳо ва хатари пайдо шудани зӯроварӣ аз тарафи хонандагон. Дар байни вазъиятҳое, ки омили пайдо шудани зӯроварӣ, инҳоро ҷудо намудан лозим аст: набудани шаффофият дар баҳодиҳӣ, истифода бурдани баҳоҳои паст ба сифати ҷазо барои рафтори номусоид, поймолкунии ҳуқуқ ва маргинализатсияи баъзе аз хонандагон, бетарафӣ зоҳир намудан дар таълими хонанда, барангезиши рақобати байни хонандагон ва ғайра ;

– шинохти омилҳо ва нишонаҳои навъу шаклҳои гуногуни зӯроварӣ нисбати хонандагон;

– зоҳир намудани муносибати боэҳтиромона ба тамоми кормандони муассисаҳои таълимӣ, аз ҷумла хонандагон ба таҷрибаи гуногуни хоси онҳо. Ҳамаи он ҳодисаҳо, чорабиниҳои, ки дар муассисаи таълимӣ рӯй медиҳад, бояд фазои муносибати дӯстона ва ҳамкориро фароҳам оварад. Хонандагон дар муассисаҳои таълимӣ бояд дар фазои орому беолоиш таҳсил кунанд;

– таҳияи алгоритмҳои вокуниш ба вазъиятҳои гуногуни зӯроварии ба махсусияти зоҳиршавии зӯроварӣ дар муассисаи таълимӣ асоснокшуда, ки кӯдакон волидон/васиёни онҳо барои бартараф намудани душвориҳоро дар бар мегирад. Кадрҳои педагогӣ бояд қарорҳое қабул намоянд, ки бо ҳодисаҳои гуногуни дар мактаб ва дар ҳудуди он рӯйдиҳанда, инчунин бо ҳодисаҳое алоқамандand, ки одатан онҳо ба зӯроварӣ дар оила дучор мегарданд;

– ҳамкорӣ байни кормандони муассисаи таълимӣ, инчунин бо дигар мутахассисон дар рафти омӯзиши ҳолати ҳар як ҳодисаи мушаххас; қабул намудани қарорҳо, коркарду татбиқи амалҳои дахолат ва кӯмакрасонӣ ба кӯдакону калонсолони ба вазъияти зӯроварӣ ва беэътиноӣ нисбати кӯдакони ҷалбшуда;

– ташкил намудани чорабиниҳои пешгирикунанда (профилактикӣ) бо хонандагон ва волидон/васиёни онҳо дар доираи чорабиниҳои тарбиявии муассисаи таълимӣ, бо назардошти талабот, манфиату мушкилоҳое, ки онҳо дучор мегарданд ;

– риоя намудани принсипҳои этикӣ дар тамоми чорабиниҳои амалишаванда оид ба пешгирӣ ва даҳолат, аз ҷумла: махфият, ки набояд ба хабардиҳӣ оид ба зӯроварӣ нисбати кӯдакон монеъ гардад; бартарӣ доштани манфиатҳои беҳтарини кӯдак ҳангоми қабул намудани қарорҳо ва татабиқи амалҳо; муносибати фардӣ ба ҳар як ҳодисаи зӯроварӣ бо омӯзиши ҳамаи ҳолатҳо ва вазъияти мушаххаси тарафҳои ҷалбшуда. Педагогҳо бояд барои истифода бурдани техникаи муошират таълим дода шаванд/омода карда шаванд, ки шаъну эътибори кӯдаконро эҳтиром менамоянд, забони ифодаи барои фаҳмиши кӯдакон дастрасро истифода мебаранд ва ғайра.

## 3.6. Стратегияи коммуникатсияи кормандони муассисаҳои таълимӣ бо намояндагони ВАО нисбати вазъияту далелҳои пешбинишавандаи зӯроварӣ нисбати кӯдакон

– Дар муошират бо намояндагони васоити ахбори омма кормандони муассисаҳои таълимӣ бояд мавқи пешгирикунандаро нисбати зӯроварӣ ҷонибдорӣ намоянд, зеро ин омил поймол намудани ҳуқуқҳои кӯдак мебошад ва ҷазодиҳии ҷисмонии кӯдак дар доираи оила (ҳамчун усули интизомдиҳӣ) қобили қабул набуда, ба рушду саломатии вай таъсири манфӣ мерасонанд;

– Муошират бо намояндагони ВАО бо принсипҳои зерин асос меёбад:

- Риоя намудани манфиати олии кӯдак;
- Риоя намудани махфияти маълумотҳо оиди ба кӯдаки аз зӯроварӣ ҷабрдида;
- Дар фаъолияти муассисаҳои таълимӣ ҷиҳати пешгирӣ намудани зӯроварӣ нисбати кӯдакон (умуман) шиорҳо истифода намоянд;
- Таҳаммулпазирӣ ва поймолнакунии ҳуқуқҳо, роҳ надодан ба стигматизатсия ва маргинализатсияи кӯдакон.

– Кормандони ВАО наметавонанд аз кӯдак мусоҳиба (интервю) гиранд, вайро бе иҷозати роҳбари муассисаи таълимӣ ва волидони кӯдак аксбардорӣ намоянд. Ҳангоми мавҷуд будани чунин иҷозат, ҳангоми гузаронидани мусоҳиба бо кӯдак бояд

шахси калонсол (падару модар ё психолог) ҳузур дошта бошад. Намояндагони ВАО чораҳоро барои пинҳон кардани намуди зоҳирӣ ва садои кӯдаки ҷабрдида (интервюдиҳанда) андешида шудааст. Ному насаби кӯдак ва волидонаш, номбар намудани ҷойи истиқомат ё ахбороти дигар, ки метавонанд шахсияти кӯдакро муайян намоянд, набояд масъули ВАО талаб намояд ва онро нишон диҳад.

– Дар муошират бо намояндагони ВАО нисбати ҳодисаи тахминшаванда ва воқеии зӯроварӣ нисбати кӯдак, кормандони муассисаҳои таълимӣ суханҳои таҳқиркунанда ё маҳкумкунандаро нисбати субъектҳои зӯроварӣ истифода бурдан мумкин нест.

## 3.7. Намунаи нишондиҳандаҳо барои амалӣ намудани мониторинги фаъолияти пешгирӣ намудани зӯроварӣ ва беэътиноӣ нисбати кӯдакон дар муассисаи таълимӣ

Нишондиҳандаҳои зерин ба Раёсат/шуъбаҳои маориф барои баҳо додани самаранокии фаъолияти муассисаи таълимии мушаххас оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила ва гузаронидани мониторинги фаъолияти онҳо кӯмак мерасонанд:

– Мавҷуд будани *Дастурамал барои кормандони муассисаҳои таълимӣ оид ба пешгирӣ ва вокуниш ба ҳодисаҳои зӯроварӣ нисбати кӯдакон* бо дастрасии умум (дар ҳуҷраи барои педагогҳо таъиншуда)

– Дар ҳуҷҷатҳои меъёрии муассиса қайд намудани вазифаи кормандону роҳбарон оид ба ошкор намудан, бақайдгирӣ, хабар додани ҳодисаҳои зӯроварӣ нисбати кӯдакон, бандҳои махсус дар дастурамалҳои вазифавӣ ва шартномаҳо бо кормандони муассиса;

– Мавҷудият ва дуруст пур кардани Регистри бақайдгирии ҳодисаҳои зӯроварӣ, беэътиноӣ, истсимор, харидуфуруши кӯдакон; дастрасии Варақаҳои дархост барои кормандони муассисаи таълимӣ ;

– Мавҷуд будани протоколҳои ҷаласаҳои Комиссия, маҷлисҳои падару модарон, ки дар онҳо масъалаҳои мониторинги пешгирии зӯроварӣ баррасӣ карда шуданд, инчунин баҳисобгирии саҳми кадрҳои педагогӣ ҷиҳати пешгирӣ намудани зӯроварӣ дар оила (дар назди мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия амалкунанда);

– Чораҳо оид ба таъмини бехатарии муасисаҳои таълимӣ: навбатдор дар даромадгоҳи муассиса, дафтари бақайдгирии ташрифот ва ғайра;

– Андешидани тадбирҳо ҷиҳати таъмин намудани муҳофизати маълумотҳои шахсии кӯдакон (нигоҳдории Регистр ва парвандаҳои шахсии кӯдакон дар сейфи роҳбар);

– Гузаронидаи чорабиниҳо оид ба омодакунии педагогҳо ва кормандони муассисаи таълимӣ оид ба масъалаҳои пешгирии зӯроварӣ нисбати кӯдакон, (миқдори ҷаласаву семинарҳо, шумораи педагогу дигар кормандони иттилоотдодашуда/таълимгирифта, мавзӯъҳои муҳокимашаванда, иттилоотдиҳӣ оид ба тағйиротҳои қонунгузорӣ ва ғайра);

– Дар банақшагирии стратегӣ ва кутоҳмуҳлати муассисаи таълимӣ мавҷуд будани чорабиниҳо оид ба пешгирии зӯроварӣ нисбати кӯдакон;

– Баҳисобгирӣ ва самаранокии гузаронидани дарсҳои тарбиявӣ ва мавзӯъҳои баррасишавндае, ки ба пешгирии зӯроварӣ ва беэътиноӣ нисбати кӯдакон мувофиқанд;

– Мувофиқати қоидаву уҳдадориҳои хонандагон, ки дар Регламент/ Оинномаи мактаб нишон дода шудаанд, ба марҳилаҳои гуногуни синнусолӣ, вазъи хонанда ва ҳуқуқҳои кӯдак;

– Дар регламенти мактаб мавҷуд будани системаи эҳтиромкунандаи шаъну эътибори кӯдак ва оилаи вай;

– Дар муассисаи таълимӣ мавҷуд будани системаи ҷамъоварии маълумотҳо оид ба зӯроварӣ нисбати кӯдакон, муносибати боэҳтиромона ба кӯдак; мавҷуд будани механизми омӯзиши шикоятҳо аз тарафи кӯдакон ва самаранокии он (кӣ ва чӣ гуна ҳодисаҳоеро меомӯзад, ки дар бораи онҳо кӯдакон хабар медиҳанд);

– Мавҷуд будани иттилооти айёнӣ дар бораи зӯроварӣ, ба хонандагони синҳои боло дастрас, дар ҷойҳои намоён ба кӯдакон дар муассисаи таълимӣ ҷойгиршуда (гӯшаҳои иттилоотӣ, овезаҳо, китобчаҳо);

– Муносибатҳои бо эҳтиром, озод ва конструктивӣ байни кӯдакон, байни кӯдакон ва мураббиён/омӯзгорон/кормандони техникӣ; дар Раёсати маориф мавҷуд набудани шикоятҳо оид ба далелҳои истифодабарии шаклҳои зӯроваронаи тарбия дар муассисаи таълимии мушаххас;

– Пешниҳод намудани хизматрасониҳои машваратдиҳии волидон оид ба масъалаҳои зӯроварӣ (қонунгузорӣ, усулҳои ғайризӯроваронаи тарбия, хадамотҳои иҷтимоии кӯмакрасон) ва машваратдиҳии психологӣ дар муассиса.

# ҚИСМИ IV.
# МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

Маълумотҳо оид ба ҳаёти шахсӣ ва оилавии кӯдакони ҷабрдида ё аъзоёни оилаи онҳо барои дигар кормандони муассисаи таълимӣ, ки дар бораи далели зӯроварӣ нисбати кӯдаки мушаххас намедонанд, ва барои дигар муассисаҳое махфӣ мебошанд, ки ба салоҳияти онҳо муҳофизат намудани ҳуқуқҳои кӯдак дохил намешавад.

Фош намудани иттилоот аз тарафи шахсе, ки аз рӯи мавқеи хизматии худ дар бораи далели зӯроварӣ нисбати ноболиғон хабардор шудааст, тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба танзим даровarда мешавад.

## ЗАМИМАИ № 1

Регистр дохил карда шуд [сана]
Ному насаб, имзои директори муассисаи таълимӣ ва мӯҳр _________

**Регистри баҳисобгирии маълумотҳо оид ба кӯдакони аз зӯроварӣ дар оила ҷабрдида ва ё ба содир намудани зӯроварӣ нисбати онҳо гумонбаршуда**

| Санаи дохил намудани сабт ба Регистр | Ному насаб ва санаи таваллуди кӯдак, суроғаи манзил | Сарчашмаи гирифтани ахборот (нишон дода шавад, агар сухан дар бораи далели зӯроварӣ ё гумонбар будан ба содиркунии он равад ) | Сана, вақт ва ҷойи зоҳир шудани зӯроварӣ нисбати кӯдак (аз суханони сарчашма) ва тафсилоти зӯроварии содиршуда, аз ҷумла маълумот дар бораи дилозор (дараҷаи хешутаборӣ, синну сол, ҷойи истиқомат) | Нишон дода шавад, гар ба дигар мақомот барои тасдиқ намудани далели зӯроварӣ ё муҳофизат намудан фиристода шуда бошад (агар ҲА, № /санаи мукотиботи ирсолшуда бо имзои роҳбари муассисаи таълимӣ нишон дода шавад ) | Ному насаби корманди муассисаи таълимӣ, ки дар Регистр сабт намудааст |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |

# ЗАМИМАИ № 2

**Ба кӣ:**
*[масалан: ба роҳбари Комиссия оид ба ҳуқуқҳои кӯдак ё мақомоти васоят ва сарпарастӣ ё ВКД, Шуъбаи ҳифзи иҷтимоӣ ва ғайра ]*
**Аз:** [Ному насаб, вазифа, ташкилот]

## ХАБАРНОМА

Ба Шумо хабар мерасонем, ки « __» ________ соли 20__ соати ____ аз тарафи корманд (ному насаб, вазифа ва номи муассисаи таълимӣ нишон дода шавад) аломатҳои муносибати бераҳмона бо кӯдаки ноболиғ ошкор карда шуданд (ё асос барои тахмин кардани он мавҷуд аст, ки бо кӯдак бераҳмона муносибат кардаанд) [ноболиғ, ҷойи истиқомат ва таҳсили вай нишон дода шавад], нисбати вай аз тарафи шахсони номаълум (ё шахсони мушаххас нишон дода шаванд, агар онҳо ба кӯдак маълум бошанд) …… содир карда шуд [амалҳои содиркардашуда нишон дода шаванд] (ё аломат/маълумотҳое нишон дода шаванд, ки барои гумонбар шудани муносибати бераҳмона нисбати ноболиғ асос шуда метавонанд (аломатҳои мушаххас нишон дода шаванд). Ахбороти мазкур аз [сарчашмаи иттилоот нишон дода шавад] гирифта шуд, мувофиқи он дар Регистри махсуси муассисаи таълимии мо [ному насаб ва вазифаи корманди сабткунанда нишон дода шавад] сабти №[ № нишон дода шавад] санаи ____№ [санаи бақайдгирӣ нишон дода шавад] карда шуд.

Хоҳишмандам масъалаи [минбаъд дархост вобаста ба салоҳияти сохтори давлатӣ, ки ба он ҷо иттилоот фиристода мешавад, масалан]…..[ба ҷавобгарии муқаррарнамудаи қонун кашидани шахси содиркунандаи муносибати бераҳмона/зӯроварӣ нисбати кӯдак]…..[гузаронидани тафтишоти минбаъда дар доираи оила/дигар атрофиёни кӯдак барои тасдиқ ё рад намудани далели зӯроварӣ/аниқ намудани таҳдиди бевосита барои кӯдак/далели беэътиноӣ нисбати эҳтиёҷоти кӯдак/истисмори меҳнтаи кӯдакон /харидуфурӯши кӯдакон/ва ғайра], ….[додани ҳалномаи муҳофизатӣ дар ҳолати зӯроварӣ дар оила /таҳиди содир намудани он], [баҳодиҳии иҷтимоии оила барои расонидани кӯмаки суроғавии иҷтимоӣ ба оилаҳои камбизот /шахсони дар вазъияти душмори ҳаётӣ қарордошта ] ва [ғайра] баррасӣ карда шавад

«___»_________соли 20__

[Ному насаби роҳбари муассиса] [имзо] [мӯҳр]

**Барои қайдҳо**

**Барои қайдҳо**

Дар ҶДММ «Меҳрона-2017» чоп шудааст